# СОЛИ НАВ – ИҚБОЛИ НАВ!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 17-18 (141-142) 30-ЮМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2020, ЧОРШАНБЕ

Соли сипаришуда бо вуҷуди мураккабию мушкилиҳои хусусияти глобалидошта, аз ҷумла таъсири паёмадҳои ногувори бемории сироятии COVID-19 ба иқтисодиёти кулли кишварҳои олам, дар самти рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоии Ватани азизамон бобарор арзёбӣ мешавад. Соли равон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз вазъи ногувори эпидемиологии кишвар бо дарки баланди эҳсоси масъулият дар ду чорабинии муҳимми сиёсӣ – Интихоботи вакилони халқ ва Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзида, барои ояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз овоз доданд.

Соли 2021 бошад, мардуми сарбаланди тоҷикро баргузории як қатор чорабиниҳо ва ҷашнвораҳои муҳимми миллӣ, аз ҷумла таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ интизор аст. Аминем, ки мардуми шарифу сарбаланд, меҳнатдӯсту тамаддунофар, фарҳангсолору матинииродаи тоҷик дар асоси иқдому ташаббусҳои созанда ва ғояҳои роҳбарикунандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли нави 2021 ба мақсади таҷлили сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо туфайли меҳнати ҳалол ва заҳмату талошҳои шабонарӯзӣ корҳои ободониву созандагиро вусъати тоза бахшида, Тоҷикистони азизро ба як гӯшаи ободу зебо, хонаи умеди тоҷикони дунё ва кишвари пешрафтаву дилписанди олам табдил хоҳанд дод.

Бо камоли эҳтиром, фарорасии Соли нави мелодии 2021-ро барои кулли мардуми шарафманди тоҷик самимона шодбош гуфта, барояшон тансиҳативу рӯзгори обод, саодатмандию сарбаландӣ ва комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.

**Бо камоли эҳтиром,**
**Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ**



**Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун зодаи даврони истиқлоли кишвар бо мақсади ифодаи азму иродаи мардуми шарифи Тоҷикистон таъсис ёфта, маҳз бо рисолати мардумсолорӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, созандагиву бунёдкорӣ ва тарғиби ғояҳои бузурги ватандӯстиву худшиносӣ дар ҷомеа мавқеи сазовори худро пайдо намуд.**

**Ҳанӯз дар оғози таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон эълон дошта будам, ки мақсади асосӣ аз созмон додани ин ҳизб сарҷамъу муттаҳид кардани миллати тоҷик ва тамоми нерӯҳои созандаву солимфикри ҷомеа, баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва ватандӯстиву ватанпарварии мардуми кишвар аст, ки ба хотири барпо кардани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, аз лиҳози иқтисодиву иҷтимоӣ пешрафта ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ба ҳар як шаҳрванди мамлакат талош варзанд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН





Таҳти ин унвон санаи 7-уми декабри соли 2020 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ баргузор гардид.

Чорабинии мазкур бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир карда шуд.

Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бо сухани ифтитоҳии декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек оғоз гардид. Мавсуф зимни ироаи сухани шодбошӣ қайд намуд, ки ҶТ дар самти ҳуқуқи инсон ба дастовардҳои беназир ноил гардидааст, ки дар ин кор саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст. Таъсиси мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигар сохторҳое, ки бевосита ба ҳуқуқи инсон сару кор доранд, самараи ташаббусҳои Пешвои миллат дар бахши таҳкими мақому манзалати инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ҳар фард мебошанд. Бинобар ҳамин, баргузории конференсияи мазкурро идомаи сиёсати давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳуқуқи инсон унвон намуданд ва ба ҳозирин дар кори конференсия барору комёбӣ таманно карданд.

Дар кори конференсия олимони маъруфи ватаниву хориҷӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, намояндагон аз вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ВАО ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд.

Дар ҷаласаи пленарии конференсия зиёда аз 15 маърӯза дар мавзӯъҳои гуногуни ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Конференсия кори худро дар се бахш ба роҳ монда, дар он зиёда аз 60 маърӯза бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар шакли бевосита ва ғоибона пешниҳод гардиданд. Маърӯзаҳои мавриди баррасӣ қарор гирифта фарогири масъалаҳои мубрами назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон буданд.

Дар фарҷоми конференсияи ҷумҳуриявӣ иштирокчиён қатъномa қабул намуданд. Таъкид гардид, ки таклифу пешниҳодҳо ва натиҷаҳои конференсия барои такмили қонунгузорӣ ва рушди низоми ҳуқуқии кишвар ба мақомоти дахлдори давлатӣ дастрас карда мешаванд.

**Таҳияи САЪДИЗОДА Ҷ.**

# ҶАВОНОН БАР ЗИДДИ СИТОИШИ МИЛЛАТГАРОӢ

Таҳти ин унвон таърихи 18-уми декабри соли 2020, бахшида ба 75-умин солгарди ғалаба бар Ҷанги Бузурги Ватанӣ видеоконфронси Ассамблеяи байнипарлумонии ҷавонони ИДМ баргузор гардид.

Дар кори конференсия намояндагон аз парлумони кишварҳои аъзои ИДМ, мақомоти қонунгузории минтақавӣ, намояндагони иттиҳодияҳои ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва илмӣ, ВАО ширкат варзиданд.





Дар доираи видеоконфронси мазкур масъалаҳои гуногун мавриди назар қарор гирифтанд, ки ҷавҳари асосии онҳоро баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ ва инсондӯстии ҷавонони кишварҳои аъзои ИДМ мебошад. Инчунин, иштирокчиёни конференсия оид ба татбиқи ташаббусҳо, лоиҳаҳо ва барномаҳои гуногуни байнидавлатӣ ва ҷамъиятӣ дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонони ИДМ мубодилаи афкор намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар конференсияи мазкур раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Д.С. намояндагӣ намуд. Мавсуф зимни маърӯзаронӣ иброз намуд, ки «баргузор намудани чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ва илмӣ имкони муттаҳид намудани ҷавонони ИДМ-ро фароҳам оварда, барои баланд бардоштани ҷаҳонбинии онҳо ва дӯстии халқу миллатҳои минтақа заминаи устуворро фароҳам хоҳад овард. Аз ин рӯ, зарур аст то ҳамасола дар доираи Ассамблемияи байнипарлумонии ҷавонони ИДМ бахшида ба солгарди пирӯзӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамоишҳои илмӣ баргузор карда шаванд».

Ҳамзамон, дар кори конференсия намояндагони кишварҳои аъзои Ассамблеяи байнипарлумонии ҷавонони ИДМ бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намуда, оид ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои баррасишаванда ибрози назар намуданд.

Дар фарҷом изҳори умед карда шуд, ки Ассамблеяи байнипарлумонии ҷавонони ИДМ дар оянда чунин чорабиниҳои илмиро бештар баргузор менамояд ва барои баҳамоӣ, дӯстӣ ва табодули таҷриба байни ҷавонони Иттиҳод замина мегузорад.

**Таҳияи Некрӯз САФАРЗОДА**

# РОҲҲОИ МУОСИРИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ

Таърихи 5-уми декабри соли 2020 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Роҳҳои муосири мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон» бахшида ба рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия баргузор гардид.

Конференсияи мазкурро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳмон Д.С. ифтитоҳ намуда, вобаста ба масъалаҳои мубрами муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирӣ намудан аз он чанде сухан намуданд.



Баъдан, аз рӯи барномаи омодагардида устодон, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрони кафедра вобаста ба масъалаҳои мухталифи муқовимат бо коррупсия аз қабили масъалаҳои мубрами муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масоили бандубасти ҷиноятҳои коррупсионӣ, масъалаҳои назариявӣ ва амалии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, коррупсия ҳамчун таҳдид ба амнияти давлат, роҳҳои пешгирии коррупсия дар алоҳидаи ҳаёти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва зиддикоррупсионӣ дар партави иҷрои уҳдадории Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия баромадҳои пурмуҳтаво намуданд.



Дар фарҷом иштирокчиён аз ҷараёни чорабинии мазкур таассуроти мусбат бардошта, баргузории чунин конференсияҳоро иқдоми неке баҳри рушд ва такмили илмии олимони ҷавон арзёбӣ намуданд.

**Таҳияи Эмомалӣ МИРАЛӢ**

**ҚОНУНИ ҶТ "ДАР БОРАИ САЙЁҲӢ" 7 АВГУСТИ СОЛИ 2020, №1718 ҚАБУЛ ГАРДИД.**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.** муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.** Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.** академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Насриддинзода Э.С.** профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ШӮРОИ САРПАРАСТОН ФАЪОЛ АСТ



Таърихи 3 декабри соли равон дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷаласаи навбатии Шӯрои сарпарастон баргузор гардид. Ҷаласаи мазкурро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, иброз намуданд, ки сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар раванди таълиму тарбия нақши боризро иҷро намуда, такягоҳи мустаҳками садорати факултети ҳуқуқшиносиро ташкил медиҳанд.

Сипас, мудири шуъбаи тарбияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидов Ҳуснуддин баромад намуда, вобаста ба баъзе масъалаҳои ҷойдошта суханронӣ намуданд. Мавсуф иброз намуд, ки фаъолияти шӯрои сарпарастони гурӯҳҳои академии факултети ҳуқуқшиносӣ дар микёси донишгоҳ дорои обрӯ ва манзалати хосса буда, таҷрибаи онҳо аз ҷониби дигар факултетҳои донишгоҳ мавриди омӯзиш қарор мегирад.



Дар кори ҷаласа, инчунин муовинони декан, мудирони кафедраҳо ва сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ширкат варзида, муҳимтарин масъалаҳои роҷеъ ба таълиму тарбия ва донишандӯзии донишҷӯёнро мавриди баррасӣ қарор доданд.

**Таҳияи Ҷомӣ ҒАНИЗОДА**



# ДИФОИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ






Боиси ифтихор ва хушҳолист, ки рӯз аз рӯз ҳайати устодони унвондор дар факултет меафзояд. Устодони ин боргоҳи илму маърифат бо дарки масъулияти баланди касбӣ рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии мамлакатро пурғановат менамоянд.

Таърихи 24-уми ноябри соли 2020 ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарбаландона дифоъ намуд.

Инчунин, санаи 15-уми декабри соли 2020 ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ Мирзозода Фархундаи Субҳон дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» ва ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон» рисолаи номзадии худро муваффақона ҳимоя намуданд.



Санаи 22-юми декабри соли 2020 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Сафарализода Далери Сайдаҳтам дар мавзӯи «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаи илмии худро дифоъ намуд.

Аз ин рӯ, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Мирзозода Ф.С., Шосаидзода Ш.Ш., Шарифов И.М. ва Сафарализода Д.С.-ро бо ин дастоварди бузургашон дар соҳаи илм самимона табрик намуда, ба эшон фатҳи қуллаҳои баланди илмиву эҷодиро таманно менамоянд.

**Таҳияи Миралӣ СОБИРОВ**

# ФАЪОЛНОКИИ МАҲФИЛҲОИ ДОНИШҶӮЁН

**Тӯли солҳои охир ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ-тадқиқотии беруназсинфӣ дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рӯ ба рушд ниҳодааст. Бо роҳбарии бевосита ва супоришҳои судманди декани факултет, профессор Раҳмон Д.С. кори маҳфилҳои илмии донишҷӯён ҷоннок карда шуда, усулҳои нави гузаронидани онҳо, ҷалби бештари донишҷӯён ба маҳфилҳо ва сифати корҳои илмии донишҷӯён баланд бардошта шуд.**

Ҳамин тавр, санаи 25.11.2020 маҳфили мубоҳисавии «Соҳибкор ва қонун»-и назди кафедраи ҳуқуқи саҳибкорӣ ва тиҷорат баргузор гардид. Маҳфилро мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат профессор Сангинов Д.Ш. оғоз намуда, вобаста ба зарурати қабули Кодекси соҳибкорӣ дар ҶТ суханронӣ намуд.

Мавзӯи мубоҳиса дар маҳфил «Қабули Кодекси соҳибкорӣ тақозои замон: тарафдорон ва муқобилон» буд ва дар он донишҷӯён ба таври фаъолона иштирок намуда, фикру андешаҳои худро баён карданд.

Ҳамчунин, санаи 10 декабри соли равон маҳфили илмии донишҷӯён “Давлатшиносӣ”-и назди кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида ба 72-юмин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Рӯзи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон баргузор гардид. Дар маҳфил маърӯзаи 18 нафар донишҷӯ шунида шуда, дар доираи онҳо байни донишҷӯён ва устодон мубоҳисаҳои илмӣ сурат гирифт.



Дар маҳфил муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев П.С. ва мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М. иштирок намуда, дар охир ба ҳозирин туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки гузаронидани маҳфилҳои илмӣ ва конференсияву чорабиниҳои илмӣ байни донишҷӯён дар бедор намудани завқи онҳо ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва эҷодӣ саҳми бениҳоят калон мегузорад.

**Таҳияи Хайём РАҶАБЗОДА, Умед МУРОДЗОДА**

ҚОНУНИ ҶТ “ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ” 7 АВГУСТИ СОЛИ 2020, №1719 ҚАБУЛ ГАРДИД.



# ХУШХАБАР

Ифтихорманду фохир аз онем, ки теъдоди омӯзгорони унвондор дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рӯ ба инкишоф аст. Онҳо бо дарки масъулияти баланд рисолаҳои худро сарбаландона дифоъ намуда, барои рушду нумӯи илми кишвар гомҳои устувор мегузоранд. Башорати ин гуфтаҳо ҳимояи рисолаи номзадӣ аз ҷониби ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ Давлатов Диловар Давлатович дар шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Москва ба номи О.Е. Кутафин мебошад. Мавсуф таърихи 24-уми декабри соли 2020 дар мавзӯи «Тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳо вобаста ба замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаи худро сарбаландона дифоъ намуд.

Аз ин рӯ, идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос”, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Давлатов Д.Д.-ро бо ин дастоварди бузургаш дар соҳаи илм самимона табрик намуда, ба эшон фатҳи қуллаҳои баланди илмиву эҷодиро таманно менамоянд.

# ҒОЛИБИЯТИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ





Бо ташаббуси Донишкадаи байналмилалии мониторинги инкишофи демократия, парламентаризм ва риояи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон – давлатҳои аъзои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ (АБП ИДМ) дар соли 2020 интернет-олимпиадаи байналмилалӣ таҳти унвони «Низоми интихоботии давлатҳои ҷаҳон» баргузор гардид. Дар ин олимпиада донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолона иштирок доштанд.

Маврид ба зикр аст, ки озмун дар ду давр баргузор гардида, даври якуми он тариқи саволу ҷавоб ба шакли тестӣ санаи 15 август оғоз гардида, то 30 сентябр идома ёфт ва дар он ҷойи аввалро донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хуршедзода Шахиня ишғол намуд.

Даври дуюми он таърихи 26 ноябри соли ҷорӣ ба таври онлайн тариқи саволу ҷавоб баргузор гардида, натиҷаи он санаи 9 декабр эълон карда шуд, ки дар ин давр дар номинатсияи «Беҳтарин ҷавоб» ғолибият насиби донишҷӯи соли 3 факултети ҳуқуқшиносӣ Хуршедзода Шахиня гардид.

Ҳамзамон, дар ин радиф дигар донишҷӯёни соли 3-юми факултети ҳуқуқшиносӣ Шамил Ташрифов бо дипломи дараҷаи 2, Раҳмон Фарангис бо дипломи дараҷаи 3 ва Ёрмаҳмадзода Меҳрубон бо дипломи дараҷаи 3 сарфароз гардонида шуданд.

Аз ин хотир, идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос”, садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Хуршедзода Ш., Ташрифов Ш., Раҳмон Ф. ва Ёрмаҳмадзода М.-ро барои ғолиб омаданашон дар ин озмун самимона табрику шодбош намуда, ба онҳо саломативу сарбаландӣ, пирӯзиву хушнудӣ, хониши хубу аъло ва фатҳи қуллаҳои баланди илмиро орзу менамоянд.

*Таҳияи Азимҷон ЧУРАЕВ*







# ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ...

Таҳти сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли дуюм аст, ки озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бахшида ба 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ баргузор мегардад.

Мақсад аз озмун баланд бардоштани шавқу рағбати китобхонии хонандагон ва бохабар гардидан аз эҷодиёти адибони гузаштаву имрӯзи мо махсуб меёбад. Дар он иштирокчиён аз рӯи 5 номинатсия, яъне хондан ва аз ёд кардани осори адибони классикии тоҷик, хондан ва аз ёд кардани осори адибони муосири тоҷик, хондан ва аз ёд кардани ашъори бачагона ва афсонаҳои халқи тоҷик, хондан ва аз ёд кардани осори адабиёти ҷаҳон ва номинатсияи шоирӣ иштирок намуданд.

Дар озмун аз ҳисоби дастаи донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон донишҷӯи соли 4-уми факултети ҳуқуқшиносӣ Пирова Гулафзо фаъолона иштирок намуда, бо заҳмату талошҳои худ шуруъ аз даври донишгоҳӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ то ба даври ҷумҳуриявӣ омада расид ва дар натиҷа аз рӯи номинатсияи 2-юм – хондан ва аз ёд кардани осори адибони муосири тоҷик сазовори ҷойи 2-юм гардид.

Ба ин минвол, идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос”, садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Пирова Гулафзоро барои ғолиб омаданаш дар ин озмун самимона муборакбод намуда, ба эшон таҳсину офарин мехонанд ва дар ин баробар нусрату зафар, сарбаландиву хонаободӣ, хониши хубу аъло ва фатҳи қуллаҳои баланди илмиро орзу менамоянд.

*Таҳияи Парвиз АБДУЛЛОЕВ*

# МАҶЛИСИ ВОЛИДАЙН



Ҳамкорӣ бо волидайни донишҷӯён яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳисоб меравад. Дар доираи нақша-чорабиниҳои факултет силсилавохӯриҳо бо волидайни донишҷӯён баргузор мегардад.

Санаи 5-уми декабри соли 2020 ҷаласаи волидайни донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид, ки дар кори он декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С., муовинони декан ва сарпарастони гурӯҳҳои академӣ иштирок намуда, муҳимтарин масъалаҳои бахши таълим, тарбия ва илм мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар рафти ҷаласа роҳбарияти факултет масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии ҷумҳурӣ, донишгоҳ ва факултетро муаррифӣ намуда, падару модаронро даъват бар он намуданд, ки дар таълим ва тарбияи фарзандони худ пурмасъул бошанд, фарзандони худро аз шомил гардидан ба ҳар гуна равия ва созмонҳои ифротию ҷиноятпеша боз доранд ва талоши онро намоянд, ки онҳо рӯ ба илм ва фарҳанг оварда, дар пешравии кишвари азизамон нақши босазое гузоранд.

# ОИД БА ЭЪТИРОФИ «ШАХСИ ҲУҚУҚӢ» ЧУН СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ



Фирӯз СУЛАЙМОНОВ
дотсенти кафедраи
ҳуқуқи байналмилалӣ

Ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз субъектони ҳуқуқи гражданӣ шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравtotand. Шахсони ҳуқуқӣ чун иштирокчии фаъоли муносибатҳое, ки предмети танзими ҳуқуқи граждаониро ташкил медиҳанд, эътироф шуда, дар инкишофи муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ саҳми арзандаро доро мебошанд.

Қобили зикр аст, ки дар таърихи инкишофи худ, вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ чун субъекти ҳуқуқи гражданӣ давраҳои гуногунро паси сар намудааст. Яъне даврае, ки онҳо ба сифати субъект эътироф намегардиданд, то ба даврае, ки ба сифати яке аз субъектони асосӣ эътироф гардиданд. Вобаста ба ин давраҳои инкишофи институти шахси ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи гражданӣ назарияҳои гуногуне мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки онҳо аз нуқтаҳои назари гуногун шахси ҳуқуқиро чун субъекти ҳуқуқи гражданӣ муаррифӣ менамоянд.

Яке аз чунин назарияҳо ин **«НАЗАРИЯИ ДИРЕКТОР»** мебошад, ки тибқи он шахси ҳуқуқӣ дар муносибат бо шахсони сеюм, дар симои директори (роҳбари) он шинохта шуда, тамоми ҳаракатҳои директор ба сифати ҳаракатҳои худи шахси ҳуқуқӣ баҳо дода мешаванд ва оқибатҳои ҳуқуқиро ба шахси ҳуқуқӣ ба миён меоранд. Тазаккур бояд намуд, ки назарияи мазкур давоми мантиқии дигар назарияи шахсони ҳуқуқӣ – **«НАЗАРИЯИ ОРГАНИКӢ»** мебошад, ки тибқи ин назария мақомоти шахсони ҳуқуқӣ ин қисмати органикии худи шахси ҳуқуқӣ буда, мақомоти идоракунии шахсони ҳуқуқӣ ба сифати намояндаи онҳо баромад намекунанд.

Хусусиятҳои асосии ҳам назарияи органикӣ ва ҳам назарияи директор аз он бармеоянд, ки шахси ҳуқуқӣ чун субъекти аз лиҳози қонун эътирофшуда, бояд дорои мақомоте бошад, ки иродаи шахси ҳуқуқиро дар муносибат бо шахсони сеюм муаррифӣ намояд. Пас, вобаста ба ин, ба сифати яке аз унсурҳои асосии шахсони ҳуқуқӣ чун субъекти ҳуқуқи гражданӣ ин дорои ягонагии ташкилӣ, яъне маҷмӯи мақомот будани шахсони ҳуқуқӣ баромад менамояд, ки ин муқаррарот дар моддаи 54 Кодекси граждании ҶТ дарҷ гардидааст.

Мақомоти шахсони ҳуқуқӣ гуногун буда, дар муносибат бо шахсони сеюм шахси ҳуқуқиро маҳз директор (роҳбар) муаррифӣ менамояд. Пас, дар ин ҳолат, директор чун худи шахси ҳуқуқӣ баромад намуда, тамоми ҳаракатҳои директор худи ҳаракатҳои шахси ҳуқуқӣ эътироф карда мешаванд. Масалан, бастани шартнома аз номи шахси ҳуқуқӣ, ки директор онро имзо менамояд, ё ин ки дигар муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, ки дар он директор аз номи шахси ҳуқуқӣ баромад менамояд. Пас, аз ин ҷо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки тамоми ҳаракатҳои директори шахси ҳуқуқӣ ин ба сифати ҳаракатҳои шахси ҳуқуқӣ эътироф карда мешаванд. Яъне, қоидае дар ин асно вуҷуд дорад, ки **«ДИРЕКТОР ИН ХУДИ ШАХСИ ҲУҚУҚӢ»** мебошад.

**Аммо, истифодабарии қоидаи мазкур ду хусусиятро доро мебошад:**

**1) ин қоида танҳо хоси муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ мебошад, яъне бо назардошти махсусиятҳои муносибатҳои молу мулкӣ, ки предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ мебошанд, коркард шудааст;**

**2) қоидаи мазкур набояд баръакс маънидод карда шавад, яъне агар директор шахси ҳуқуқӣ бошад, пас шахси ҳуқуқӣ директор нест.**

Хусусияти мазкур аз он бармеояд, ки шахси ҳуқуқӣ ин директор эътироф карда нашуда, дар муносибатҳои гуногун метавонанд дигар субъектон онро муаррифӣ намоянд, масалан кормандони шахсони ҳуқуқӣ.

Дар ҷараёни инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, шахси ҳуқуқӣ аз субъекти ҳуқуқи гражданӣ ва ҳамчун категорияи гражданӣ-ҳуқуқӣ, ба субъекти дигар соҳаҳои ҳуқуқ табдил ёфта, қонунгузории ҷорӣ, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқвайрокунии маъмурӣ шахси ҳуқуқиро чун субъекти ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар як қатор ҳолатҳо эътироф менамоянд.

Албатта, аз тарафи дигар дар соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ дарҷ карда шудани категорияи гражданӣ-ҳуқуқии **«ШАХСИ ҲУҚУҚӢ»** баҳснок нест, зеро қонунгузории соҳаҳои гуногун, дар маҷмӯъ, низоми қонунгузории миллиро ташкил намуда, дар якҷоягӣ ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда мешаванд. Аммо, ҳангоми чунин гузариши категорияи гражданӣ-ҳуқуқии мазкур ба ин соҳаҳои қонунгузорӣ, мутаассифона баъзе хусусиятҳои категорияи «шахси ҳуқуқӣ», ки соф хоси ҳуқуқи гражданӣ мебошанд, ин соҳаҳои қонунгузорӣ дар худ дарҷ намуданд. Аз ҷумла, маҳз ба сифати аз номи шахси ҳуқуқӣ баромад намудани директори (роҳбари) онро, дар татбиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, алалхусус, таҷассум намуд.

Қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахси ҳуқуқиро дар маҷмӯъ ба сифати субъект эътироф намуд. Аммо, дар қонунгузории ҷиноятӣ, бинобар сабаби як қатор хусусиятҳои он, аз ҷумла ба сифати субъекти ҷиноят эътироф намудани танҳо шахси воқеӣ; пешбинӣ шудани як қатор таркибҳои ҷиноят, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ низ метавонанд содир карда шаванд ва ё танҳо аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ содир карда мешаванд (масалан, м.292 Кодекси ҷиноятии ҶТ), ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ директори (роҳбари) онро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб менамоянд. Масалан, тибқи моддаи 292 Кодекси ҷиноятии ҶТ саркашӣ аз супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, дар ҳолати мавҷуд будани таркиби ҷиноят, ҷиноят эътироф гардида, дар ҳолате, ки шахси ҳуқуқӣ чун андозсупоранда ухдадориҳои андозии худро ба таври дахлдор иҷро накунад, директори (роҳбари) шахси ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад. Дар ин асно, директор чун худи шахси ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ назарияи директор, ки хоси муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ мебошад, татбиқ карда мешавад.

**Вобаста ба ин, ҷиҳати татбиқи яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи андоз, ки тибқи он бояд ҳар шахс ухдадориҳои андозии худро мустақилона иҷро намояд ва аз принсипи ҷавобгарии фардӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, пешниҳод карда мешавад, ки ба сифати субъекти ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ бо назардошти хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии он баррасӣ карда шавад.**

*Албатта, баррасии масъалаи мазкур бояд бодарназардошти тамоми махсусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ, хусусиятҳои институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла институтҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, хусусиятҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар институтҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии ба ин масъала алоқамандбуда, амалӣ карда шавад.*

# ПЕШГИРӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ



Шарифбек ШАРИФЗОДА
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат
бо коррупсия

Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар тӯли мавҷудияти хеш ба пастию баландиҳо, пешравию монеаҳо, инкишофи маданияту фарҳанг, саноат ва дар навбати худ ба таназзулҳо рӯ ба рӯ гардидааст. Инсоният аз ҳамаи ин сабақҳои зиндагӣ гирифта ҳар он чи кӣ ба манфиати умум мебошад, қабул карда аст.

Ҳар як давра хатарҳои ба худ хосро барои инсонҳо офаридааст, ба мисли ҷангҳои байни кишварҳои ҷудогона, ҷангҳои минтақавӣ, байниқитъавӣ ва ғайраҳо. Дар ин баробар, инсоният имрӯзҳо ба хатарҳои нави ҷаҳонишавӣ ба мисли терроризм, экстремизм, паҳншавии силоҳи ҳастаӣ, маводи нашъовар ва ғайра рӯ ба рӯ гардида, дар ин замина, буҳрони иқтисодӣ, молиявии ҷаҳонӣ низ зам шудааст. Дар қатори ин хатарҳо коррупсия низ мавқеи мустаҳкамеро азхуд кардааст, ки зарари он нисбат ба хатарҳои дар боло зикршуда камтар набуда, бо онҳо алоқамандии зич дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ 22 декабри соли 2016 дар ҳамин замина махсус таъкид намуданд, ки «фаромӯш набояд кард, ки мубориза ба муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад. Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем сатҳи коррупсияро дар мамлакат коҳиш диҳем». Бинобар ин, пӯшида нест, ки кирдорҳои коррупсионие, ки рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии кишварро халалдор менамоянд, боиси нигаронии шаҳрвандони мамлакат мегардад. Аз ин лиҳоз, дастаҷамъона муқовимати ин омили номатлуб метавонад, ба пешгирӣ ва бартараф намудану паст кардани сатҳи коррупсия дар мамлакат мусоидат намояд.

**Ба маънои этимологӣ истилоҳи "коррупсия", ки аз калимаи лотинии «corruptio» гирифта шудааст, ифодакунандаи мафҳумҳои шикастан, хароб намудан, фурӯхта шудан, фурӯхташавии мансабдорони давлатӣ ва ҷамиятӣ тавзеҳ шудааст. Дар тарҷумаи русӣ ва англисӣ ба тоҷикӣ вожаи "коррупсия"-ро бо маънои ришвахурӣ ва фасод, вайрон, ганда, бадахлоқ, фосидшуда, фурӯхташаванда, худфурӯш, фурӯмоя, виҷдонфурӯш, ришвахӯр, порахӯр ва ғайра маънидод намудаанд.**

Аз ақидаи баъзе коршиносон ва ҷомеа бармеояд, ки зери мафҳуми фасод (коррупсия) аслан ришвахурӣ дар назар дошта шудааст. Фасод аз назари луғат табоҳӣ, вайронӣ, бетартибӣ, зиштторӣ, бадахлоқӣ, фитна, балво, исён, саркашӣ, зоеъшавӣ, костан, нобудшавӣ, зулм ва пӯшидагӣ шарҳ ёфтааст.

Зери ин ақидаҳо ба хулоса метавон омад, ки коррупсия яке аз падидаҳои мурракаби ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Зеро ба дарки амиқи моҳият ва хусусиятҳои баёни он мушкилиҳо пеш меоянд. Чунки дар бисёр мавридҳо муҳаққиқон маънои этимологии коррупсияро аз луғатҳо пайдо намуда, онро сарчашмаи асосӣ ҳисобида, андешаҳояшонро дар ин замина пайгирӣ менамоянд ва ҳодисаву воқеотро ба он шарҳу эзоҳ медиҳанд.

Ин ифодаҳо мушаххасан аз нигоҳи шуури омма истилоҳест, ки маънояш аз ҷониби шахси мансабдор истифода гардидани ваколатҳои ҳукмронии худ ва ҳуқуқҳои ба вай боваркардашуда ба мақсади фоида ё дигар манфиатҳои шахсие, ки зидди қонунгузорӣ ва қоидаҳои ахлоқ мебошад, ё ин ки падидаи иҷтимоиест, ки дар тафаккури ҷамъиятӣ низ фаҳмиш ва тафсири якхела надорад. Бинобар ин муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, онро бо ришва, сӯистифода аз мансаб, порасситонӣ, судхӯрӣ, падидаи тамаллуккорӣ, хушомад задан, хешу таборбозӣ ва ғайра мешуморанд.

Бешубҳа, аз ин бармеояд, ки аломати хосси коррупсия муносибати байни ҳаракатҳои шахси мансабдор ва манфиатҳои корфармои он, ё муносибати байни ҳаракатҳои шахси интихобшуда ва манфиатҳои ҷомеа мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки коррупсия микёс, хусусият ва вазъи таъғирёбиаш натиҷаи проблемаҳои умумии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар аст. Дар даврони дигаргунсозӣ ва навсозии кишвар он доимо дар ҳолати афзоиш аст. Аммо дар бисёр ҳолатҳо коррупсия метавонад, афзоиши иқтисодиётро боздорад.

Ин зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ дар тамоми ҷаҳон чи дар давлатҳои мутараққӣ ва чӣ дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ, новобаста аз сохти идоракунии давлатии онҳо паҳн гаштааст. Ҳаҷм ва паҳншавии коррупсия ин пеш аз ҳама ба хусусиятҳои миллӣ, шакли сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва шароитҳои ҳуқуқии ин ё он давлат вобаста мебошад.

Дар Тоҷикистон ислоҳоти куллии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз шуд. Ҷанги шаҳрвандии баъди он ба амал омада боиси пайдоиш ва ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонидани омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ гардид, ки муайянкунандаи коррупсия мебошанд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аввалин Паёми худ ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2001 қайд намудаанд, ки "вазифаи муҳимтарини ҷомеаи дорои иқтисодиёти бозоргонӣ мубориза бо коррупсия мебошад". Воқеан ҳам ин ҷо ҳақ бар ҷониби Сардори давлат аст. Зеро барои решакан кардан ва ё паст намудани сатҳи ин амали номатлуб дар ҷомеа фарҳанги зиддикоррупсиониро тарғиб бояд кард. Дар ин самт, Роҳбари давлат ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи қонунгузории ҷорӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдорро вазифадор намудааст, ки иҷрои санадҳои амалӣ ва фарҳанги зиддикоррупсионии ҷомеаро баланд бардоранд.**

Бинобар ин, агар мо аз ин гуна ҳикматҳо ибрат гирифта, бо дасту дили тоза фаъолият намуда, ҳалолкорӣ, бовиҷдонӣ ва адолатпарвариро пеша кунем, ҳодисаҳои сӯистифода аз мансаб ва ришваситонӣ аз байн меравад.

Дар ин самт, таъкидҳои пайвастаи роҳбари давлат ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, бахусус оид ба гирифтану додани пора, азонихудкунии маблағҳои давлатӣ, истифодаи мақоми хизматӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва ғайра аз ҷониби кормандони соҳаҳои мухталифи давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои қудратӣ ва суд дар паёмҳои ҳамасолаи Президенти кишвар ироа гардида, кам кардани монеаҳо дар роҳи рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани низоми оддӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ ва ба танзим овардани сохтори қонунҳо мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ барои мубориза бо коррупсия, хатари эҳтимолияти фасодшавии бисёре аз соҳаи фаъолияти давлатӣ ва шаклҳои ҳаёти ҷамъиятиро ба воқеият табдил дод.

Дар ҳоли ҳозир беш аз пеш маълум гашт, ки мундариҷаи коррупсия аз порахӯрии танҳо хизматчиёни давлатӣ иборат набуда, балки шаклҳои мухталифи истифодаи мақоми хизматӣ, ҳам аз тарафи онҳо ва ҳам аз тарафи ходимони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳоро, ки бар хилофи манфиатҳои хизматӣ, барои манфиатҳои шахсӣ ё худ гурӯҳӣ амал мекунанд, дар бар мегирад. Бешубҳа, чунин вазъият боиси нигарони шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мешавад, ки барояшон дар шароити болоравии нарху наво ва бекорӣ, пуштибонӣ аз амалисозии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ ва барқароркунии онҳо дар сурати поймол шудан хело душвор хоҳад буд.

Вазъи дар боло зикршуда гувоҳи ин аст, ки коррупсия барои ҳар давлат зуҳуроти басе хатарнок аст, зеро он ба содиркунии ҷиноятҳои мансабию хизматие алоқамандӣ дорад, ки барои давлатдории миллӣ хавфноканд ва барои онҳо қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ намудааст (чунончӣ, ҷиноятҳо аз қабили гирифтани пора, додани пора, сӯистифодаи ваколати хизматӣ, азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ва ғайра, ки дар Кодекси ҷиноятӣ муайян шудааст).

Бо ишора ба тавсеаи омилҳои коррупсионӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ гуфта мешавад, ки то кунун ҳеҷ кишваре дар мубориза бо ин падидаи номатлуб пурра муваффақ нашудааст. Ин дар ҳолест, ки Бонки ҷаҳонӣ гардиши яксолаи дороиҳои ғайриқонунӣ ё худ коррупсиониро дар ҷаҳон баробар ба 600 миллиард доллари амрикоӣ рақам задааст. Мусаллам аст, ки дар чунин ҳол вусъати ин падидаи номатлуб дар рушди иқтисоди кишварҳо бетаъсир нахоҳад буд.

**ҚОНУНИ ҶТ "ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ" 7 АВГУСТИ СОЛИ 2020, №1714 ҚАБУЛ ГАРДИД.**



Тақдиршоҳ ШАРИПОВ
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

# САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА МУҚОВИМАТ БО САВДОИ ОДАМОН

**Дар замони имрӯза болоравии теъдоди хариду фурӯши ғуломон, ғайриқонунӣ баровардани занону кӯдакон аз кишвари худ ба хориҷа барои истифода бо мақсадҳои истисмори шаҳвонӣ, меҳнати маҷбурӣ, трансплантатсия ва ғайраҳо ба миён омада истодааст. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшишҳои худро мутамарказонида, роҳҳои муқовиматро ба савдои одамон ҷустуҷӯ мекунад. Бо ин мақсад, дар давоми асри XX таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид, Шӯрои Аврупо ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ конвенсияҳо, созишномаҳо, принсипҳо ва тавсияҳо, ки ба татбиқи пурраи ҳифзи озодии шахсият равона карда шудаанд, таҳия ва қабул гардиданд.**

Раванди рушди меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат ба савдои одамон таърихи куҳан дорад.

Санади якуми қабулкардаи ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба мушкилоти хариду фурӯши одамон ин Даъватҳои Конференсияи Лондон оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши занон бо мақсадҳои истифодабарии шаҳвонӣ (соли 1899) ба давлатҳо оид ба бастани созишномаҳои бисёртарафа ва ташкили кумитаҳои дахлдори миллӣ буд.

Соли 1904 ҳуҷҷати аввалини хатмӣ – Шартномаи байналмилалӣ оид ба мубориза бо хариду фурӯши ғуломони сафедпӯст қабул шуда буд, ки барои мубориза бо ин падидаи номатлуб равона гардида буд. Ҳамин тавр, истилоҳи «ғуломони сафедпӯст» ба вуҷуд омад. Дар он вақт, таваҷҷӯҳи асосӣ ба занони Британияи Кабир дода мешуд, ки дар кишварҳои қитъаи Аврупо барои машғул шудан ба фоҳишагӣ маҷбур карда мешуданд.

Соли 1910 Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши ғуломони сафедпуст қабул карда шуд, ки тибқи он кишвари ин Конвенсияро тасдиқ карда ӯҳдадор шуд, ки шахси ба занҷаллобӣ машғулшударо ҷазо диҳад.

Таҳти сарпарастии Лигаи Миллатҳо соли 1921 «Конвенсияи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» қабул карда шуд. Конвенсия таъқиботи ҷиноятиро нисбат ба шахсоне, ки ба хариду фурӯши кӯдакон, литсензиякунонии фаъолияти бюро оид бо таъминот бо ҷойи кор ва ҳамчунин таъмини ҳифзи занону кӯдакони муҳоҷирбуда ва муҳоҷиршавандаро пешбинӣ мекард.

Соли 1926 Конвенсия дар бораи ғуломдорӣ қабул карда шуд, ки дар он мафҳуми ғуломдорӣ ва ғуломфурӯшӣ дода шуд.

Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо хариду фурӯши занони ноболиғ соли 1933 қабул гардида, давлатҳои иштирокчиро ӯҳдадор намуд, ки ба шахсоне, ки ба хариду фурӯши занони ноболиғ, сарфи назар аз розигии зан, машғул мешаванд, ҷазо дода шавад. Ин аломат имрӯз дар мафҳуми хариду фурӯши (савдои) одамон ворид карда шудааст.

**ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР** соли 1948 муайян намуда буд, ки «ҳар як инсон ҳуқуқ дорад ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ» ва «ҳеҷ кас мумкин нест, ки дар ғуломӣ ё ҳолати тобеият, маҳрумият, ғуломӣ нигоҳ дошта шавад ва ғуломфурӯшӣ дар ҳамаи намудҳои он манъ карда мешавад» (моддаҳои 3, 4).

Ҷомеаи ҷаҳонӣ хариду фурӯши одамонро бо қабули **КОНВЕНСИЯИ МУБОРИЗА БА МУҚОБИЛИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ОДАМОН** маҳкум намуд, ки Ассамблеяи Генералии СММ соли 1949 онро қабул намуд. Конвенсия кишварҳои иштирокчиро даъват намуд, ки шахсони ба хариду фурӯши одамон машғулбударо таъқиб кунанд ва одамонро аз ҳамин гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ҳифз намоянд.

Соли 1993 Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон «ЭЪЛОМИЯИ ВЕНА»-ро қабул намуд, ки моддаи 18 он ба муқовимат ба хариду фурӯши занон бахшида шудааст. Дар Эъломия фоҳишагӣ ҳамчун сабаби аввалини харидуфурӯши одамон баррасӣ карда намешавад, балки баръакс хариду фурӯши одамон чун сабаби баъзе намудҳои зӯроварӣ бар зидди занон баррасӣ карда мешавад.

Соли 1995 дар Пекин Конференсияи байналмилалии чорум оид ба вазъияти занон шуда гузашт. Дар қатори дигар масъалаҳо дар он масъалаи хариду фурӯши занон баррасӣ карда шуд. Иштирокчиёни конференсия қайд намуданд, ки «мубориза самаранок бо хариду фурӯши занон ва духтарон бо мақсади фоҳишагӣ, мушкилоте мебошад, ки ҷомеаи байналмилалиро ба ташвиши ҷиддӣ овардааст». Баррасии масъалаи татбиқи Конвенсияи соли 1949 «Оид ба мубориза бо хариду фурӯши одамон ва истисмори онҳо аз тарафи шахсони сеюм» ва ҳамчунин санадҳои дигари дахлдор ва баланд бардоштани самаранокии онҳо зарур аст.

Январи соли 1997 дар сессияи 51 Ассамблеяи Генералии СММ ду қатънома – №51/65 «Зӯроварӣ бар зидди заноне, ки барои дарёфти кор муҳоҷират мекунанд» ва № 51/66 «Хариду фурӯши занон ва духтарон» қабул шуда буд. Қатъномаи якум мақомоти дахлдори СММ ва Ҳукуматҳои давлатҳои аъзои СММ-ро ӯҳдадор мекунанд, ки ҳифзи занони барои дарёфти кор муҳоҷираткунанда, аз ҷумла барои пешгирии зӯроварӣ, ки мумкин аст бар зидди онҳо истифода бурда шаванд, таъмин намоянд.

25 майи соли 2000 Ассамблеяи Генералии **СММ ПРОТОКОЛИ ИЛОВАГИРО БА КОНВЕНСИЯ ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК** қабул кард, ки ба хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона дахл дорад. Протоколи иловагӣ санади нисбатан муҳими ҳуқуқи байналмилалӣ буда, ба риоя ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони давлатҳои иштирокчӣ, муқовимат ва решакан кардани ҳамин гуна амалҳои номумкин нисбат ба кӯдакон ба мисли хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона равона карда шудааст. Протокол ба давлатҳои иштирокчӣ хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдаконаро манъ мекунад (моддаи 1).

Дар он таърифи мафҳумҳои хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона дода шудааст (моддаи 2). Ҳамин тавр, хариду фурӯши кӯдакон ин ҳама гуна аҳд ё созише, ки тариқи он кӯдак ба шахси дигар ё гурӯҳи шахсон барои мукофот ё ҷуброни дигар дода мешавад.

15 ноябри соли 2000 Ассамблеяи Генералии СММ Конвенсияи зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллиро қабул намуд. Мутаносибан бо таҳияи Конвенсия корҳо аз рӯи се протоколи иловагӣ давом кард: «Дар бораи бархам додан ва қатъ намудани хариду фурӯши одамон, махсусан занон ва кӯдакон»; «Оид ба қочоқи муҳоҷирон тариқи роҳҳои заминӣ, ҳавоӣ ва обӣ»; «Оид ба истеҳсоли ғайриқонунии яроқи оташфишон ва хариду фурӯши он, қисму ҷузъиёти он ва асбобу анҷоми аскарӣ».

Санадҳои байналмилалии ба мубориза ба хариду фурӯши одамон нигаронидашуда дар сатҳи минтақаҳои алоҳида қабул карда шудаанд. Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии соли 1950 муайян намуд, ки ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё дар ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шавад. Ҳеҷ кас набояд ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда шавад. Ҳар як шахс ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ дорад.

Соли 1991 САҲА **«ҲУҶҶАТИ МОСКВА»**-ро қабул намуд. Дар моддаи 40.7-и он гуфта шудааст, ки тарафҳои иштирокчӣ барои аз байн бурдани ҳамаи намудҳои зӯроварӣ бар зидди занон ва ҳамаи намудҳои хариду фурӯши занон ва истифодаи занон барои фоҳишагӣ, аз ҷумла қабули манъи мутаносиби қонунгузории ҳамин гуна санадҳо ва чораҳои дигари зарурӣ кӯшиш мекунанд. Апрели соли 1997 бо ташаббуси Ҳукумати Нидерландия дар шаҳри Гаага Конференсияи вазирони Иттиҳоди Аврупо оид ба масъалаҳои хариду фурӯши занон бо мақсади истифодаи шаҳвонии онҳо гузаронида шуд. Дар конференсия **ЭЪЛОМИЯИ ВАЗИРОНИ ГААГА** қабул карда шуд, ки барои кишварҳои Аврупо оид ба чораҳои самаранокӣ бархам додан ва мубориза бо хариду фурӯши занон тавсияҳо медод. Мақсади қабули Эъломия дар ҳавасмандгардонии амалҳои минбаъда оид ба пешгирии тафтишот ва ҷазо додани ҳолатҳои хариду фурӯши одамон, ҳамчунин расонидани кӯмаки зарурӣ ва дастгирии ҷабрдидагони хариду фурӯш тибқи ҳуқуқҳои амалкунанда ва меъёрҳои буҷетӣ чӣ дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи Аврупоӣ буд.

Ҳамин тавр, бояд зикр намуд, ки дар самти муқовимат бо савдои одамон яке аз мақсадҳои асосии давлатҳо ва ҷомеаи байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт санадҳои зиёди сатҳи байналмилалӣ қабул гардидааст, ки метавонанд барои пешгирии ин амалҳои манфур дар ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намоянд.

## ПАНДИ БУЗУРГОН

1. Машаққат – асоси мукофот аст.
2. Боақл се тоифаро ҳақир намебинад: олимон, ҳокимон, дӯстон.
3. Вақт қимматтарин сармояи инсон аст.
4. Инсон аз виҷдони худ чизеро пинҳон карда наметавонад.
5. Захме, ки маҳкам намешавад, захми виҷдон аст.
6. Шахсе, ки ҳаё дорад, бадӣ намекунад.
7. Кори саросема ба инсон фурсати фикр кардан намедиҳад.
8. Боақл онест, ки аз ҳама кас чизе меомӯзад.
9. Бузургтарин беадолатӣ беҷазо мондани ҷинояткор аст.
10. Фикр накарда омӯхтан, зоеъ кардани вақт аст.

## МУАЛЛИМ

Муаллим ҳадяи Яздони пок аст,
Муаллим гавҳаре дар рӯи об аст.
Муаллим хаст аз дӯстони Эзид,
Муаллим равзаи сидқу сафо аст.
****
Муаллим хизмати халқро адо кард,
Муаллим ҳиммати худро фидо кард.
Муаллим роҳ бар шогирд биомӯхт,
Муаллим илмро воломақом кард.



Манижаи БАҲОДУР

**ҚОНУНИ ҶТ "ДАР БОРАИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ" 4 ИЮЛИ СОЛИ 2020, №1694 ҚАБУЛ ГАРДИД.**

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ЭЪЛОМИЯИ КУРУШИ КАБИР БО ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР

Дар мақолаи мазкур муқоисаи ду эъломияи бузург – Эъломияи Куруши Кабир ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро ба шумо пешниҳод менамоем.

Мо хостем ду санади ҳуқуқиро, ки яке Эъломияи Куруши Кабир (соли 539 то милод) ва дигаре Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (10 декабри соли 1948) мебошад, бо ҳам муқоиса намоем ва муайян созем, ки эъломияи дуюм то кадом дараҷа ба ғояҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии эъломияи якум такя кардааст:

| Т/р | Эъломияи Куруши Кабир | Модда | Эъломияи умумии ҳуқуқи башар |
|---|---|---|---|
| 1 | Шоҳ кафили ҳуқуқи инсон ба зиндагӣ мебошад. | 3 | Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳуқуқ дорад. |
| 2 | Шоҳ кафили амнияти раъият мебошад. | 9 | Ҳеҷ касро худсарона дастгир, ҳабс ё бадарға кардан мумкин нест. |
| 3 | Шоҳ кафили дахлнопазирии манзили раъият аст. | 21 | Ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок. пӯшок, манзил ҳуқуқ дорад. |
| 4 | Шоҳ кафили ҳифозати шаклҳои гуногуни моликият аст. | 17 | 1.Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки молу мулкро ҷӣ шахсан ва ҷӣ якҷоя бо дигарон ихтиёрдорӣ намояд. 2. Ҳеҷ кас набояд аз молу мулки худ худсарона маҳрум карда шавад. |
| 5 | Шоҳ кафили таъмини ҳуқуқ ба эътиқоди динӣ мебошад. | 18 | Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ аз тағйири озодонаи дин ва эътиқод ва пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ ҷӣ бо тартиби инфиродӣ ва ҷӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ, дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва расму оинҳои динӣ ва маросимиро иҷро кардан иборат аст. |
| 6 | Кас ҳақ дорад манзилашро тарк кунад ва ба он баргардад. | 13 | 1. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки дар ҳудуди ҳар як давлат рафтуомад кунад ва ба худ маҳалли зист интихоб кунад. 2. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки ҳар кишвар, аз ҷумла кишвари худро тарк кунад ва ба кишвари худ бозгардад. |
| 7 | Ёдгориҳои таърихиро бояд шоҳ ҳимоя кунад. Ҳар кас ҳуқуқи истифода аз ёдгориҳои маданиятро дорад. | 27 | Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа озодона ширкат варзад, аз ҳунар баҳра барад, дар пешрафти илм саҳм гузорад ва аз дастовардҳои он истифода намояд. |
| 8 | Ҳеҷ кас набояд дар ҳолати ғуломӣ қарор дошта бошад. | 4 | Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шавад; ғуломӣ ва ғуломфурӯши дар ҳамаи навъҳои онҳо манъ аст. |
| 9 | Касе ҳақ надорад, ки раъиятро аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ маҳрум созад. | 15 | 1. Ҳар як инсон ба шаҳрвандӣ ҳуқуқ дорад. 2. Ҳеҷ касро худсарона аз шаҳрвандӣ ё аз ҳуқуқи тағйири шаҳрвандӣ маҳрум кардан мумкин нест. |
| 10 | Мардум ҳақ доранд ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намоянд. | 8 | Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шуданд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад. |
| 11 | Шоҳ ҳақ надорад касеро маҷбуран аз як ҷо ба дигар кӯчонад. | 9 | Ҳеҷ касро худсарона дастгир, ҳабс ё бадарға кардан мумкин нест. |
| 12 | Шоҳ бояд арзу шикояти райиятро баррасӣ ва ҳаллу фасл намояд. | 8 | Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шуданд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳуқуқ дорад. |
| 13 | Қонунҳо бояд дар пояи адолати сиёсӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта бошанд. | Аз пешгуфтор | Бо дарназардошти ин, ки ҳуқуқи башар бояд бо ҳукми қонун ҳимоя карда шавад, то башар ҳамчун охирин илоҷ ба қиёми зидди зулму истибдод маҷбур нагардад; |
| 14 | Инсон ҳуқуқҳои азалӣ дорад ва онҳоро касе ҳақ надорад шиканад. | 4<br>5 | Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дотшта шавад; ғуломӣ ва ғуломфурӯшӣ дар ҳамаи навъҳои онҳо манъ аст. Ҳеҷ кас набояд тахти азият ё муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи тарафи ӯ қарор дода шавад. |
| 15 | Ҳамаи нажодҳо баробарҳуқуқ мебошанд. | 1 | Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд. |

* **Эзоҳот:** Дар мавридҳое, ки дар хулосаҳои таҳлил мафҳуми «шоҳ» омадааст, маънии «ҳукумат»-ро , ки ба он шоҳ сарварӣ мекунад, низ дар назар дошта мешавад.

Аз ин муқоиса бармеояд, ки аз 30 моддаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар 20 модда ғояҳои башардӯстию ҳуқуқии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар шаклу мазмуни дақиқи имрӯза набошанд ҳам, омадаанд. Дар баробари ин, дар Эъломияи Куруши Кабир ғояҳои башардӯстонае ҳам ҷой доранд, ки аз доираи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар берун мондаанд, чунки онҳо проблематикаи хос ба Бобул ва воқеияти сиёсию иҷтимоӣ ва динию эътиқодии барои ҳамон замон мувофиқбударо ифода мекунанд.



Аз тафовут дар байни Эъломияи Куруши Кабир ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бармеояд, ки қонунҳо, дар баробари талаботи умумӣ, бояд махсусиятҳои ҷомеаи мушаххасеро ифода намоянд, ки барои он навишта мешаванд, бо истиснои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва санадҳои дигари ҳуқуқи байналмилалие, ки дар замони мо барои давлатҳои аъзо аз тарафи СММ ва созмонҳои дигари байналмилалӣ навишта ва қабул карда мешаванд. Бояд гуфт, ки қабули қонунҳо ва санадҳои дигари байналмилалӣ ва минтақавии замони мо дар шакл ва усули дастаҷамъонаи намояндагони давлатҳои аъзои созмон сурат мегирад.

**Асомиддин АБДУЛЛОЕВ**
**магистри факултети таърих**

# КИТОБ – ҲАСТИИ ИНСОН



**Дилноза СИРОҶИДДИНОВА**
**донишҷӯи соли 1**

### “ХОНАИ БЕ КИТОБ – РӮЗИ БЕ ОФТОБ”

Мардуми тоҷик аз ҷумлаи он халқиятҳоест, ки ба китобхониву китобдорӣ эҳтирому эътиқоди хосса дорад. Китоб худ ғизои маънавии зиндагист. Зиндагии рангинро бе китоб тасаввур кардан душвор аст. Дар байни халк дуруст қайд намудаанд: “Хонаи бе китоб – рӯзи бе офтоб”. Хушбахтона, ин анъанаи неки ниёгон аст, ки имрӯз дар даврони соҳибистиқлолӣ низ аз байн нарафтааст. Китоб ганҷинаи бузург аст. Беҳуда бузургони илму маърифат нагуфтаанд: ГАНҶ МАГИР–КИТОБ ГИР. Мутолиаи китоб ба шахс танҳо манфиат меорад, он танҳо тарафҳои мусбат дораду манфӣ на.

Тамоми ҷанбаҳои хуби китобхониро дарк намуда, камина низ имрӯз ҳамчун як ҷавони фаъол ба хондани асарҳои бадеӣ машғул ҳастам. Дар озмунҳои гуногун ҳамчун “КИТОБХОНИ БЕҲТАРИН” иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гаштаам ва ин сабаби бештар ба китобхонӣ вақти худро сарф намудани банда гардидааст. Дар ин давом, китобҳои зиёди бадеӣ мутолиа намудаам, ки ҳар кадоми онҳо барои ман як ҷаҳон таассуроти рангини худро боқӣ гузоштаанд. Аз ҷумла, асарҳои нависандагони классику муосири тоҷик ва дар ҳамин радиф осори нависандагони ҷаҳонро мутолиа намудаам. Аз ҷумла, асарҳои “Чеҳраҳои мондагор”, “Ёддоштҳо”, “Марги судхӯр”, “Мактаби кӯҳна”, “Тобистон”, “Саргузашти Собир”, достонҳои “Шоҳнома”, “Ривояти суғдӣ”, “Марги ҳофиз”, “Умеди ягона”, достони “Бӯрондухт ва Искандар”, “Як ароба гулу хор”, “Рисолаи дилкушо”, “Бадоеъ-ул-вақоеъ”, “Гушвора”, “Дуои падар”, “Чорбанди домангир” ва дигарон. Аз асарҳои адибони ҷаҳонӣ бошад, Л. Космодемянская “Қиссаи Зоя ва Шура”-и, Б. Василев “Субҳи ин ҷо сокит аст”, Л. Раковский “Константин Заслонов”, В. Воскобойников “Ҳакими бузург” ва ба монанди инҳоро мутолиа намудам.

### ТААССУРОТИ НАКУ: “ҚИССАИ ЗОЯ ВА ШУРА” ВА Ё “ҒАЛАБАИ ТАНЯ”

Албатта, бо хондани асарҳои мазкур тамоми зиндагии инсон ва дидгоҳи ӯ ба ҳаёт метавонад дигар шавад. Чунки ҳангоми мутолиа мо ба бисёр ҳолатҳои хотирмон рӯ ба рӯ мешавем. Ба мисли асари “Қиссаи Зоя ва Шура”-и Л. Космодемянская, ки метавонад барои зиндагии инсон таъсири амиқ расонад. Маҳз ҳамин асар сабаби ҳамаи дастовардҳои ман дар зиндагиам шудааст. Ин асар худ асари насрӣ мебошад, вале онро шоири тоҷик, устод А. Лоҳутӣ ба риштаи назм кашида, онро “Ғалабаи Таня” номгузорӣ кардааст. Асар бо дастони як модари ранҷкашида дар шакли ёддошт эҷод мешавад.

### ҶАРО МАҲЗ ИН АСАР?

Ҷавоби ин суол чунин аст. Аз мутолиаи ин асар ман як ҷаҳон таассурот гирифта, ин асарро ҳамчун раҳнамои худ дар зиндагӣ мешуморам. Қаҳрамони асосии ин асар як ҷавондухтар мебошад бо номи Зоя. Ӯ дар мактаб хуб хонда, ба донишгоҳ низ бо сари баланд дохил мешавад. Зоя хондани асарҳои бадеиро хело дӯст медорад, махсусан хондани асарҳои нависандаи рус А. Гайдарро аз ҷонаш бештар дӯст медошт. Ӯ на танҳо як духтари фаъол, инчунин духтари ботамкину босавод ва меҳрубону ғамхор буд. Дар айёми кудакӣ Зоя аз падар маҳрум мемонад ва модараш ӯро ҳамроҳи додараш танҳо ба воя мерасонад.

### МАЗМУНИ АСАР

Пас аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ, вақте ки писарони ба воя расидаро бо ҷанг мебурданд, Зоя бо хоҳиши худ, ҳатто ба духтар буданаш нигоҳ накарда, ба ҷанг меравад. Дар фронт ӯ бо як гурӯҳ партизанҳо ҳамроҳ мешавад. Зоя дар фронт яке аз партизан-духтари нотарсу ҷасур шуда, барои нест кардани фашистон саъю талошҳои зиёд ба харҷ медод. Аммо як рӯз дар вақти разветка Зояро аскарони немис дастгир менамоянд. Аскарони немис то дараҷае бераҳм буданд, ки Зояро дар аввал лату куби зиёд менамоянд, аз ӯ дар куҷо ҷойгир будани аскарони сурх, нақшаи лашкар ва сири давлатро мехостанд фаҳманд, аммо ин духтари нотарс ба рӯи онҳо нигоҳ намуда, онҳоро лаънат мехонад. Фашистони бераҳм дар ғазаб шуда, ӯро ба берун дар ҳавои сард болои барф мепартоянду лату куби зиёд мекунанд. Дар ҳамин ҳолат ҳам Зоя ягон сири партизанҳоро намекушояд, аз ҷашмонаш ҳатто як қатра об набароварда, танҳо хомӯш меистод. Немисҳо оҳанро тафсон намуда, ба тани ин духтари беозор мечаспонанд, бо оташ кафи пойҳояшро месӯзонданд, вале Зоияи ҷасур як калима ҳатто аз даҳонаш набаровард. Аз ин фашистон дар ғазаб шуда, ба қароре меоянд, ки ин партизандухтарро дар назди тамоми мардум ба дор овезанд. Субҳи рӯзи дигар фашистони лаънатӣ мардумро гирд оварда, ба гардани Зоя бандро меандозанд ва ишора мекунанд, ки ин ба дигарон ҳамчун дарс шавад. Дар лаҳзаи охири ҳаёти худ Зоя ба мардум сарбаландона мегӯяд, ки ӯ бо як ифтихор баҳри Ватан ҷон дода истодааст. Ӯ худро кӯҳи баланд ва немисҳоро ҳамчун пастӣ ном мегирад. Ӯ бо як овози баланд мегӯяд, ки аз ин сагон натарсед, Зоя бо боварии пурра ба мардум ишора менамояд, ки пирӯзии онҳо наздик аст. Аз суханони Зоя немисҳои лаънатӣ ба ғазаб омада, курсии таги пойи Зояро тела медиҳанд ва дар як чунин ҳолати даҳшатовар партизандухтари далер, нотарс, ватандӯст, баору номус ҷон медиҳад. Зоя худро Таня ном мегирифт, аз сабабе ки ӯ намехост модараш аз ин ҳолаш хабардор гардад. Аммо бародари Зоя маргашро фаҳмида, ба ҷанг меравад. Шура низ дар ҷанг вафот мекунад. Аз ҳама аламовараш дар ҳамин аст, ки Шура ҷон медиҳаду пас аз 1 моҳ ҷанг хотима меёбад. Мардуми шӯравӣ ғалаба ба даст меоранд.

Ҳамин тавр, пас аз хондани ин асар ҳисси ватандӯстӣ, далерӣ, нотарсӣ, номус, виҷдон бедор мешаванд. Инсон боз ҳам бомеҳру ғамхортар мегардад. Дар як асар ҳамаи хислатҳои хуби инсонӣ ҷой доранд. ИН АСАРРО НАМЕТАВОН БЕ АШК МУТОЛИА НАМУД. Агар танҳо як асар ҳамин қадар таассуроти хуб ба шахс гузорад, чи мерасад аз хондани шумораи зиёди онҳо...?

**ИН АСТ, ФАЗИЛАТИ ОЗМУНИ “ФУРУҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ...”**

**ҚОНУНИ ҶТ “ДАР БОРАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТӢ” 2 АПРЕЛИ СОЛИ 2020, №1690 ҚАБУЛ ГАРДИД.**





# ДАСТОВАРДҲОИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

Масири таърих шаҳодат аз он медиҳад, ки тоҷикон ҳамчун миллати соҳибтамаддун ва соҳибхирад ба масъалаи омӯхтани илму дониш пайваста талош намуда, онро ҷавҳари асосии ташаккули давлат маънидод менамуданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба ифтихори таҷлили Рӯзи дониш таърихи 17-уми августи соли 2020 иброз намуданд, ки «тоҷикон ҳамчун миллати соҳибтамаддун дар ҳар давру замон омӯхтани илму донишро яке аз шартҳои асосии рушди маънавиёти инсон медонистанд. Ин анъана то ба имрӯз идома ёфта, дар замони соҳибистиқлолӣ мазмун ва арзиши нав касб кардааст. Дар шароити кунунӣ илму дониш нишондиҳандаи асосии дараҷаи инкишофи ҳар як давлату миллат буда, бо раванди рушди нерӯи инсонӣ робитаи мустақим дорад. Илм сарвати бебаҳо буда, қобилияти зеҳнии ҳар як кишвар ба нерӯи тавонои он алоқаманд мебошад». Бо дарназардошти суханони ҳидоятомӯзи Пешвои муаззами миллат садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ тамоми ҷидду ҷаҳди худро баҳри равнақ додани илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисос сафарбар намуда, самти мазкурро ҳамчун ҳадафи аввалиндараҷаи худ қарор додааст. Новобаста аз мураккаб омадани соли 2020, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аксарияти вазифа ва ҳадафҳое, ки дар назди худ гузошта буд, ба таври дахлдор иҷро намуд. Аз ин рӯ, дастовардҳои назарраси ин боргоҳи илму маърифат дар соли 2020 манзури хонандаи закӣ мегардад:

**1. Шумораи умумии омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли ҳисоботӣ 172 (25 нафараш зан) нафарро ташкил дода, сину соли миёнаи омӯзгорони факултет – мардон 37 сола ва занон 40 соларо ташкил медиҳад. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ соли 2020 бо назардошти тамоми шуъбаҳои амалкунанда 4596 нафар донишҷӯ (магистр) ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз ин шумора: 3313 нафар ба курсҳои 1-4-уми шуъбаи рӯзона; 706 нафар ба курсҳои 1-4-уми шуъбаи ғоибона; 578 нафар ба курсҳои 1-3-юми шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ рост меоянд.**

**2. Новобаста аз сабаби хуруҷи бемории пандемияи коронавирус COVID-19, ки бо қарори Ситоди ҷумҳуриявӣ гузаронидани ҳамагуна чорабинӣ, аз он ҷумла чорабиниҳои илмӣ муваққатан боз дошта шуд, соли 2020 яке аз солҳои бобарор ва пурсамари корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ маҳсуб меёбад. Устодони факултет дар соли ҳисоботӣ баҳри иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҳиссаи арзандаи худро гузоштаанд. Ҳамаи ин натиҷаҳои назаррас барои баланд бардоштани сифати таълим, такмили қонунгузории амалкунанда ва рушди босуботи Тоҷикистони азиз истифода хоҳанд шуд.**

Боиси хушнудии ҳамаи омӯзгорон ва кормандони факултет аст, ки дар соли равон Раҳмон Д.С. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2020 сарфароз гардиданд. Ҳамчунин профессори кафедраи ҳуқуқи граждании, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маҳмудзода М.А. ва профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Раҳимзода М.З. дар соли ҷорӣ бо Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино сарфароз гардиданд.

3. Яке аз дастовардҳои беназир дар соли ҳисоботӣ ин ба фаъолият оғоз намудани Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Шӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ ва 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисосҳои 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ ва 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ замина гузошта, он бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, №62 таъсис ёфта, маросими муаррифӣ ва ба фаъолият шурӯъ кардани он 12-уми марти соли 2020 баргузор гардид. Таъсиси шӯрои мазкур имкони хело муносиб ба кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ дар самти ҳимояи рисолаҳои номзадӣ фароҳам меорад. Ин иқдом имконият медиҳад, ки барои дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар низ кадрҳои унвони илмидор тайёр карда шаванд.

**4. Қобили зикр аст, ки дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 36 рисола, аз ҷумла 4 рисолаи докторӣ ва 32 рисолаи номзадӣ ва дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 6 рисолаи номзадӣ ҳимоя гардидаанд. 2 рисолаи номзадӣ дар хориҷи кишвар ҳимоя гардиданд. Аз онҳо, 2 рисолаи докторӣ ва 11 рисолаи номзадӣ аз ҷониби устодони факултет, 16 рисолаи номзадӣ аз ҷониби аспирантон ва унвонҷӯёни факултет, 2 рисолаи докторӣ бо мушовирии устодони факултет ва 3 рисолаи номзадӣ зери роҳбарии устодони факултет ҳимоя карда шудаанд. Дар маҷмӯъ 44 ҳимоя.**

Ҳамин тариқ, дар соли сипаригардида 30 рисолаи номзадӣ ва 4 рисолаи докторӣ аз ҷониби омӯзгорон, унвонҷӯёни факултет ва зери роҳбарии омӯзгорони факултет ҳимоя гардиданд. Умуман дар факултети ҳуқуқшиносӣ 91 нафар омӯзгорони унвони илмӣ дошта фаъолият мекунанд, ки ин 52,9%–ро ташкил медиҳад. Агар мо ба панҷ соли охири фаъолияти факултети ҳуқуқшиносӣ (2016, 2017, 2018, 2019, 2020) назар афканем, шумораи умумии омӯзгорон, аспирантон ва унвонҷӯён, ки дифоъ кардаанд 79 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 9 нафар рисолаи докторӣ ва 70 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд. Дар солҳои истиқлолият бошад, 22 рисолаи докторӣ ва 169 рисолаи номзадӣ дар маҷмӯъ 191 рисола ҳимоя карда шудааст.

5. Соли 2020 дар факултет 1 конференсияи байналмилалӣ, 4 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 1 мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ, 2 семинари ҷумҳуриявӣ ва 6 семинарҳои илмӣ-назариявӣ баргузор гардид. Инчунин, устодони факултет дар як қатор конференсияҳои байналмилалӣ иштирок намуда, зиёда аз 220 маърӯзаҳои илмӣ намуданд. Дар соли 2020 зиёда аз 240 маҳфили илмии донишҷӯён гузаронида шуд.



Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби устодони факултет зиёда аз 759 маводи чопӣ ба нашр расидааст.

Соли 2020 дар факултети ҳуқуқшиносӣ 3 шумораи маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (Правовая жизнь) ва 3 шумораи маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» (Государствоведение и права человека) аз чоп баромаданд, ки дар онҳо мақолаҳои илмӣ, тафсир, тақриз, ёддоштҳои омӯзгорони факултет ва олимони барҷастаи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Афғонистон, Эрон, Олмон, Украина, Белорусия ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба табъ расидаанд. Дар баробари ин, 14 шумораи моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар соли 2020 аз чоп баромад, ки дар он мақолаҳои омӯзгорон, кормандони соҳаҳои гуногун, аспирантон ва донишҷӯёни факултет чоп карда шуданд.

**6. 12-уми марти соли 2020 дар идомаи амалишавии Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, бо мақсади омода кардани кадрҳои баландихтисос, ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат, баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи саводнокии донишҷӯён лабораторияи криминалистии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба истифода дода шуд.**

Лабораторияи криминалистӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ буда, дорои палигони (толори) гузаронидани амалҳои тафтишӣ, синфхонаи суратгирии криминалистӣ, лабораторияи трассологӣ ва дактилоскопӣ (пайи ангушт), лабораторияи баллистикӣ, лабораторияи силоҳи сард, лабораторияи хатшиносӣ ва тадқиқоти техникӣ-криминалистии ҳуҷҷат, синфхонаи габитологӣ, толори конфронс ва бойгонӣ мебошад.

7. Саҳми устодони факултет дар ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоат назаррас мебошад.

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 4 декабри соли 2019, таҳти №1380 санаи 1 марти соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва интихоботи вакилони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот баргузор гардид. Бо мақсади мавриди амал қарор додани фармони мазкур, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ чорабиниҳои фаҳмондадиҳиро баҳри баланд бардоштани малакаи касбии аъзои комиссияҳои интихоботӣ, шарҳи мазмуну муҳтавои қонунҳои конститутсионӣ дар бораи интихобот, қонунҳо, дастурамалҳои интихоботӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шиносоӣ бо чораёни омодагиҳо ба ин чорабинии муҳимми сиёсӣ, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти комиссияҳои поёнии интихобот ва дигар масъалаҳо дар ин самт ба таври густурда роҳандозӣ намуд. Мавриди қайд аст, ки 15 нафар аз устодони факултети ҳуқуқишиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар рафти тайёрӣ ва баргузории ин

ҚОНУНИ ҶТ “ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БО ЭКСТРЕМИЗМ” 2 ЯНВАРИ СОЛИ 2020, №1655 ҚАБУЛ ГАРДИД.



# ДАР СОЛИ 2020

маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ ҳамчун коршинос ҷалб гардиданд. Онҳо дар тамоми ҳудуди мамлакат бо аъзои комиссияҳои интихоботӣ корҳои омӯзиширо ба роҳ монда, дар баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии аъзои комиссияҳои интихоботӣ саҳмгузор шуданд. Инчунин, устодони факултет бо зиёда аз 100 ҳазор нафар аҳолии мамлакат гуфтугӯи мустақил дошта, қонунгузории ҶТ-ро оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, маҷлисҳои маҳаллии вакилони



халқи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва интихоботи вакилони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ба онҳо шарҳу тавзеҳ доданд.

Дар ин раванд, инчунин устодони дигари факултет ба таври фаъолона дар омӯзиши аъзои комиссияҳои интихоботӣ ва баргузор гардидани интихобот иштирок доштанд. Зиёда аз 30 нафар устодон дар радио ва телевизион баромад намуданд ва дар рӯзномаву маҷаллаҳо мақолаҳо чоп намуданд.

Дар баробари ин, дар рӯзи баргузории интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва интихоботи вакилони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот устодони факултет дар шабакаи аввали Телевизиони Тоҷикистон баромади зинда (live) намуданд.

Санаи 6-уми августи соли 2020 бо қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми октябри соли 2020 Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шуд.

Ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани ин чорабинии миҳимми сиёсӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барнома-чорабиниҳо омода ва роҳандозӣ карда шудаанд. Алалхусус, аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ гурӯҳҳои корӣ иборат аз коршиносони КМИР ва дигар мутахассисони соҳа ба шаҳру навоҳии кишвар вобаста ба шарҳу тавзеҳи қонунгузории интихобот ва омодагии ҳавза ва участкаҳои интихоботӣ сафарбар гардиданд. Бояд зикр намуд, ки дар баргузор намудани семинарҳои омӯзишӣ ва фаҳмондани қонунгузории интихоботӣ ба интихобкунандагон нақши устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ назаррас маҳсуб меёбад. Зеро, зиёда аз 32 нафар омӯзгорони факултет ба сифати коршиноси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуда, дар чорабиниҳо бахшида ба ин маъракаи муҳимми сиёсӣ фаъолона иштирок намуданд. Аз ҷумла, устодони факултет се маротиба таърихи 9-15-уми август, 15-22-юми сентябр ва 3-6-уми октябр ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сафар намуда, бо интихобкунандагон дидору мулоқот карда, моҳияти қонунгузории интихоботӣ ва раванди омодагии ҳавзаҳои интихоботиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор доданд. Инчунин, зиёда аз 20 нафар омӯзгорони дигари факултет дар баргузории суҳбату воҳӯриҳо тавассути воситаҳои ахбори омма ширкат карда истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин муддат омӯзгорони факултет вобаста ба масъалаҳои интихобот дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо зиёда аз 200 ҳазор аҳолӣ (интихобкунандагон), кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, таълимгирандагон ва тамоми қишрҳои ҷомеа суҳбату воҳӯриҳо доир намудаанд.

8. Дар соли ҳисоботӣ омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар зиёда аз 350 барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ вобаста ба масъалаҳои гуногун бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ, 23-солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ, 29-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 26-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра дар телевизиони Тоҷикистон, телевизиони давлатии Сафина, Ҷаҳоннамо, Баҳористон, Радиои Ховар, Радиои Тоҷикистон, Садои Душанбе ва ғайра баромад ва суҳбатҳо намуданд.

Инчунин, зиёда аз 200 нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар барномаи телевизионии шабакаҳои Тоҷикистон, Сафина, Баҳористон ва ғ. ба ифтихори «Рӯзи Конститутсияи ҶТ» мусоҳиба анҷом доданд. Ҳамчунин 30 нафар устоди факултет дар радиои Тоҷикистон иштирокчии мусоҳиба буданд. Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ зиёда аз 50 нафар устоди факултет беш аз 220 мусоҳибаҳои телевизионӣ анҷом додаанд.

**9. Донишҷӯёни факултет дар озмунҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз ҷумла, донишҷӯи соли 4-уми факултети ҳуқуқшиносӣ Пирова Гулафзо дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар номинатсияи хондан ва аз бар намудани осори адибони муосир иштирок намуда, соҳиби ҷойи 2-юм гардид. Инчунин, донишҷӯи соли 3-юм Хуршедзода Шахиня дар интернет-олимпиадаи байналмилалӣ таҳти унвони «Низоми интихоботии давлатҳои ҷаҳон» дар номинатсияи «Беҳтарин ҷавоб» ширкат варзида, сазовори ҷойи аввал гардид. Дар ин олимпиада, ҳамзамон донишҷӯёни соли 3-юм Ташрипов Ш., Раҳмон Ф. ва Ёрмаҳмадзода М. иштирок намуда, сазовори ҷойҳои дуюм ва сеюм гардиданд.**














**ҚОНУНИ ҶТ “ДАР БОРАИ ХАЗИНАДОРӢ” 2 ЯНВАРИ СОЛИ 2020, №1674 ҚАБУЛ ГАРДИД.**

# ДАХЛНОПАЗИРИИ МАНЗИЛ

**Ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб рафта, дар сатҳи қонуни асосии кишвар кафолат дода шудааст. Аз ҷумла, дар асоси Конститутсияи ҶТ ҳар шахс ҳуқуқ ба манзил дошта, манзили ӯ дахлнопазир мебошад. Яъне, ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум намудан мумкин нест, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун муқаррар намудааст.**

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр зарур мешуморем то ҳолатҳои истисноиро, ки қонун муқаррар намудааст ва он дахлнопазирии манзили шахсро вайрон наменамояд, мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Манзил – бинои истиқоматии инфиродӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшуда, биноҳои истиқоматӣ, новобаста аз шакли моликият, ки ба фонди манзил дохил карда шудаанд ва барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ истифода мешаванд, инчунин дигар биноҳо ё иншооте, ки ба фонди манзил дохил карда нашудаанд, аммо барои муваққатӣ истифода мешаванд.

Зимнан бояд қайд намуд, ки ҳуқуқ ба манзил ин ҳуқуқи субъективии ҳар як шахс аст. Манзили истиқоматӣ ин манзили алоҳида мебошад, ки бо зиндагии доимӣ мувофиқ буда, ба талабот ва қоидаҳои санитарӣ, техникӣ ва ғ. ҷавобгӯ мебошад. Манзил дар ҷойи муайян ва ҳудуди муайян воқеъ буда метавонад.

Манзили истиқоматӣ, яъне хонаҳое, ки шаҳрвандон месозанд, бояд дар қитъаи замин, ки мутобиқи лоиҳаи мақомоти маъмуриву шаҳрсозӣ, ки барои сохтмони ҳавлиҳо муратаб шуда ва ба меъёрҳои зидди сӯхтор ва бехатарии талабот, архитектураи шаҳрсозӣ мувофиқ карда шудааст, сохта шаванд.

Вайрон намудани дахлнопазирии манзил гуфта, ҳама гуна ғайриқонунӣ даромадан ба манзили шахси бегона мебошад. Чунин кирдори ҷиноятӣ, ҳатто муваққатан истифодаи манзили истиқоматӣ ҳангоми набудани шахси дар он истиқоматкунанда, инчунин зада даромадан ба манзили истиқоматӣ бар хилофи хоҳиши соҳиби манзил ё ин ки шахси дар он истиқоматкунанда ва ғ. низ ба ҳисоб рафта, ҳамчун вайрон намудани дахлнопазирии манзил фаҳмида мешавад.

Дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ оварда шудааст, ки ғайри қонунӣ ворид гаштан ба манзил танҳо ба се мақсад аст: дуздӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ.

Даромадан ба манзил он гоҳ ғайри қонунӣ ҳисобида мешавад, ки агар чунин ҳаракат бар хилофи ирода ва розигии шахси дар он истиқоматкунанда сурат гирад. Дар баробари ин, ҳолатҳои истисноие ҷой доранд, ки ҳангоми ворид гардидан ба манзили шахси дигар бидуни ирода ва розигии ӯ дахлнопазирии манзил вайрон намегардад. Масалан:

1. Кормандони мақомти ҳифзи ҳуқуқ барои наҷоти ҷони шаҳрвандон ва (ё) амволи онҳо, таъмини амнияти шаҳрвандон ё амнияти ҷамъиятӣ дар ҳолати бетартибиҳо ва ҳолатҳои фавқулодда; боздошти ашхоси ба содир намудани ҷиноят гумонбаршуда; пахш кардани ҷиноят; муайян кардани ҳолатҳои садама; гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ё амалҳои тафтишотӣ.

Агар корманди полис ба биноҳои истиқоматӣ дар сурати набудани соҳибмулк ва (ё) шаҳрвандони дар ин бино истиқоматкунанда ворид шуда бошад, дар ин бора бояд молик ва (ё) шаҳрвандоне, ки дар ин бино зиндагӣ мекунанд, дар муддати 24 соат аз лаҳзаи воридшавӣ огоҳ карда шаванд. Агар корманди полис бар зидди хости шаҳрвандони дар он ҷо буда ба манзил ворид шавад, дар давоми 24 соат ба суд хаттӣ хабар дода мешавад. Вуруд ба манзилҳои истиқоматӣ барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ё амалҳои тафтишотӣ дар сурати мавҷуд будани қарори дахлдори суд иҷозат дода мешавад.

Дар ҳолатҳои истисноӣ (ҳангоми татбиқи ҷораҳо оид ба пешгирӣ ё пешгирии ҷиноят; таъхир дар истеҳсоли амали тафтишотӣ ба гумонбаршаванда имкон медиҳад, ки фирор кунад; таҳдиди воқеии нобудшавӣ ё пинҳон кардани ашё ё асбобҳои ҷиноят аз миён омадааст; барои бовар кардани шахсе, ки дар ҳуҷра ё ҷои дигаре қарор дорад, кофӣ аст, ки ҳама гуна амали тафтишотиро анҷом медиҳад, ашё ё ҳуҷҷатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ муҳимро пинҳон мекунад), ин амалҳо метавонанд дар асоси:





Қубод ЮСУФЗОДА
донишҷӯи соли 4

қарори асосноки роҳбари мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро анҷом медиҳад ва бо огоҳии хатмии суд (судя) дар давоми 24 соат;

- қарорҳои муфаттиш бо огоҳии хатмии судя ва прокурор на дертар аз се рӯз аз лаҳзаи оғози амали тафтишотӣ анҷом дода шавад.

2. Кормандони мақомоти амнияти давлатӣ ҳангоми пешгирии ҷиноятҳое, ки ба амнияти давлатӣ таҳдид мекунанд ё ҷиноятҳое, ки таҳқиқи онҳо ба салоҳияти ин мақомот тааллуқ дорад, инчунин ҳангоми таъқиби ашхосе, ки дар содир кардани чунин ҷиноятҳо гумонбар мешаванд.

Мақомоти амнияти давлатӣ вазифадоранд судро дар бораи ҳама ҳолатҳои вуруд ба биноҳои истиқоматӣ бар хилофи иродаи шаҳрвандоне, ки дар онҳо зиндагӣ мекунанд, огоҳ кунанд.

Дар асоси таҳлили мазкур метавон ба хулоса омад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии манзили шахсро кафолат дода, дар доираи қонунҳои алоҳида ҳолатҳои истисноиро муқаррар намудааст. Аммо, ҳолатҳои истисноии мазкур бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти давлатӣ, нигоҳ доштани асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳифзи саломатии шахс ва ғ. раво дониста мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани ҳолатҳои истисноӣ, ки қонун пешбинӣ намудааст, агар ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзили шахс вайрон карда шавад, нафари вайронкарда ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

# HUMAN RIGHTS AS A HIGHEST VALUE



Sabrina MAHMURODOVA
1st year student

Human and civil rights and freedoms are an important element of the rule of law, the primary institution of civil society, a sign of the growth of human society, legal culture and civilization in general. The theory and practice of human and civil rights and freedoms has a long history and is reflected in various documents and documents of human history.

The Constitution of the Republic of Tajikistan (1994) enshrined innate human rights in Article 5. The second chapter of the Constitution is fully devoted to human and civil rights and freedoms. Natural human rights include the rights of citizens of Tajikistan, foreigners and stateless persons, which by nature (regardless of state and place of residence) belong to each individual. Human and civil rights and freedoms and the legal status of a person is determined by a set of rights and freedoms and the basic functions of a person and a citizen, which are reflected in the norms of all existing areas of law. The basis of the legal status of a person and a citizen is the rights, freedoms and duties established by the Constitution.

Human rights are one of the most important values of world civilization. The violation of human rights affects the mental, economic, social, and political development of "the state and society as a whole and each individual". Human rights are unique to every human being in the world simply because he or she is a human. In today's understanding, human rights are often seen as an important natural (gift of nature) of human behavior and development in society and the state, the inseparable features that determine the limits of his freedoms. It is well known that the individual has many rights in society and the state. Everyone, as a participant in various social relations such as family, labor, financial, political, etc., uses these rights to meet their needs, to achieve certain life goals.

Human rights are a measure of possible human behavior guaranteed by law, as well as moral, political, and religious rules. Thus, human rights can be viewed as an opportunity to engage in certain behaviors, but within the law, without violating the code of ethics and other rules, for example, without resorting to disrespectful treatment of other people.

ҚОНУНИ ҶТ "ДАР БОРАИ АССОТСИАТСИЯИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ОБ" 2 ЯНВАРИ СОЛИ 2020, №1668 ҚАБУЛ ГАРДИД.

**Barry Hindess — Professor in the Political Science Program, Research School of Social Sciences at The Australian National University notes “Corruption today is commonly understood in economic terms, in relation both to its content (money in exchange for favours) and to its effects (on economic growth, development, and so forth). In other historical contexts, corruption has been understood more generally and I will raise the question of why this narrowly economic perspective has come to be so influential”.**

# PHENOMENON OF CORRUPTION



**Sa’dieva G.F., candidate of philological Sciences, associate Professor of the Department of languages and Humanities of the State Institute of fine arts and design of Tajikistan**

Corruption involves them is use of public office. It also involves the misuse of information gained while performing public office.

Commonly it involves the dishonest or biased use of power or position resulting in one person being advantaged over another. It is common for commentators writing about the problem of corruption and causes of corruption to discuss it as if it were a single phenomenon. ‘Corruption’, however, is a term which encompasses many different forms of misuse of power or misuse of office. It is not a single issue, nor a single problem. For example, the term corruption can be used to describe behaviours as varied as bribing an inspector to license an unqualified person to operate machinery that might put lives in danger, theft of office resources for use at home, and police assisting criminals to commit crimes. In order to be able to begin to reduce corruption, it is important to have a clearer target (or targets) than the broad, nebulous concept of ‘corruption’ In their attempts to minimise crime, criminologists advocate taking a crime-specific approach in order to tailor prevention strategies (Gorta 1998a). For example, one would not use the same strategies to minimise shoplifting as one would to reduce physical assaults. The same is the case for minimising corruption. If corruption is viewed as a single problem, it obscures the fact that specific strategies are best employed to deal with different forms of corruption. In order to combat corruption, it is important that specific forms of corrupt conduct which pose the most serious risks (to the area of interest-or example, state/organisation/process/country) are identified. Until one has some understanding of what forms corruption takes and how it comes about, one can do little to control it. Since there is no well-defined or universally-accepted taxonomy of different types of corrupt conduct, the first step is to identify a useful classification system for different types of corrupt conduct. However, what is most striking about these cases is that the word ‘corruption’ is used to describe the police activities in question, in spite of the fact that economic gain is obviously not the central issue. Even in Washington, home of the World Bank, there are times when it is clearly recognised that there is more to corruption than the pursuit of financial reward. Rose-Ackerman’s treatment of corruption as if it were first and foremost an issue of financial gain and economic effect may not deny the existence of these other forms of corruption but it does suggest that they should be seen as something of a sideline. Thus, one problem with the narrowly economistic understanding of corruption concerns the value judgments for example, that a few thousand brutal slayings may be ultimately less important than economic growth-which its technical language tends to disguise. In fact, of course, the value judgments involved here are rather more complex than we have just suggested. On the one hand, it is often assumed that economic growth itself will reduce the incidence of violence in a society, and indeed of corruption more generally. The level of police brutality directed against members of the black community in the United States and the systematic corruption of the political systems in the most developed contemporary Societies-Japan and the United States-suggest that this assumption may not be well founded. On the other hand, the contrast between economic and other forms of corruption-which the economistic definition tends to promote-should not be overdrawn.

Corruption still as a common phenomenon found not only in the so called developing countries and societies, but also in the developed societies such as Europe, America, Japan and the former Soviet Union regardless of their structural and cultural differences. Some authors have argued that corruption is prevalent in third world countries however, evidence has shown that corruption is even prevalent in developed countries and each country be it in developing or developed world devices suitable method to deal with corruption. For instance, a U.S Fluor a multinational construction firm according to Minakimes (2009) was quoted to have said that: fighting corruption and bribery, CEO Allan Boeckman helped developed a cross industry sharing program of best practices, along with a set of strict principles to follow. Fluor uses a combination of an ethics hotline for reporting crime, an open door policy to encourage managers to consult with executives for guidance, anticorruption training sessions, a “zero-tolerance” policy for infractions and overall transparency in its operations to minimize inappropriate behaviour.

# HUMAN RIGHTS DAY

The 10th of December celebrated in the world as International Human Rights Day. It was on this day in 1948 that the UN General Assembly adopted the Universal Declaration of Human Rights. In every country this day celebrated as the Human Rights day. Also in our country this days was celebrated every years. Human rights are a set of rights which every human is entitled to. Human Rights are very important for making sure that all humans get treated equally. Everybody knows that many of the rights of citizens are considered human rights. For example, a constitutional right is one which a state guarantees to its own citizens and sometimes even to foreigners. Most of the law in the world is made by governments for their own citizen, but human rights are independent of any political divisions. Human rights are extremely important for the development of a country and individuals on a personal level. If we take a look at the basic human rights, we see how there are right to life, the right to practice any religion, freedom of movement, freedom from movement and more. Each right plays a major role in the well-being of any human. Right to life protects the lives of human beings. It ensures no one can kill you and thus safeguards your peace of mind. Subsequently, the freedom of thought and religion allows citizens to follow any religion they wish to. And it also means anyone can think freely. Human rights also give you the right to a fair trial. Every human being has the right to move to the court where there will be impartial decision making. They can trust the court to give them justice when everything else fails. Most importantly, humans are now free from any form of slavery. No other human being can indulge in slavery and make them their slaves. Further, humans are also free to speak and express their opinion. Human rights are essentially divided into two categories: political rights and social rights. This classification is important because it clears the concept of human rights further. Plus, they also make humans realize their role in different spheres. When we talk about political rights, we refer to the civil rights and



**Umar SHARIF**
**1st year student**

freedoms. These rights are responsible for limiting the government’s authority that may affect any individual’s independence. Furthermore, these rights allow humans to contribute to the involvement of the government. In addition to the determination of laws as well. In the end I want to say that, the Human Rights is very important for a country and for their citizens. All the governments of countries are responsible for ensuring the well-being of their citizens. Human rights help countries in doing so efficiently.

# DEDICATED TO THE INTERNATIONAL HUMAN RIGHTS DAY



**Faridun SAIDOV**
**1st year student**

Every year, 10th of December is celebrated around the world as an International Human Rights Day. It was on this day in 1948 in Paris, France, that the General Assembly of the United Nations adopted the Universal Declaration of Human Rights, which this year marks 72 years.

The purpose of the celebration of International Human Rights Day is to emphasize to society and each individual the importance of respect and observance of human rights, the role of human rights in strengthening and developing society and the life of every individual.

It should be noted that the Universal Declaration of Human Rights of Cyrus the Great is one of the historical sources on human rights and the origin of constitutions. It was adopted in 539 BC by the founder of the Achaemenid state - King Cyrus. According to historians, the Declaration, which has survived to the present day in the Akkadian language, is also known as the Cyrus Cylinder and is written in the form of a cylindrical inscription.

It should be noted that in the process of globalization, each state adopts its own Constitution. The Republic of Tajikistan, as an independent state, adopted its Constitution in a nationwide referendum on November 6, 1994, and amended it three times - on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016 through a nationwide referendum. According to Article 5 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, man, his rights and liberties are recognized as the highest value, and the rights, liberties of man and citizen are recognized, observed and protected by the state.

In essence, the Universal Declaration of Human Rights is a document in which the aspirations and struggles of the peoples of the world for the recognition and acceptance of freedom, equality and other fundamental human rights and freedoms are adopted. Historical documents such as the Great Charter of Liberation (1215), the Act on Rights (1689, England), the Declaration of Independence (1776) and the US Constitution (1787), and the Declaration of the Rights of Man and of the Citizen (1789, France) as an important source of this declaration.

The first document on human rights, as mentioned above, is the Declaration of King Cyrus the Great, which has not yet lost its significance, translated into six official languages of the United Nations, and its provisions are set out in four articles of the Universal Declaration of Human Rights.

The purpose of the article is, on the one hand, to explain the essence of the celebration, and on the other hand, to recount the contribution of ancestors in this process (referring to the Declaration of King Cyrus the Great). The first document on the recognition of human rights, the Declaration of King Cyrus the Great, translated into six official languages of the United Nations and the expression of its principles in the four articles of the Universal Declaration of Human Rights should be the pride of every Tajik.

# ҲУҚУҚИ ИНСОН – ВОЛОТАРИН



**Салоҳиддин МИРШАРОБЗОДА**
**магистри соли 1**

**Байни ҳамаи арзишҳои маънавӣ, ки аксари одамон дар ҷомеаи демократӣ эътироф кардаанд, ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон аз ҳама муҳимтаранд.**

Инсон аз лаҳзаи оғози зиндагиаш кӯшиши амалӣ намудани ҳуқуқи зиндагӣ, озодӣ, баробарӣ, моликиятдорӣ, оиладорӣ ва ҳуқуқҳои дигари фитрии хешро мекӯшад амалӣ гардонад. Ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоии тодавлатӣ инсон ҳаёт ва озодиашро ҳифз менамуд, орзу мекард, ки озодона, хушбахтона бо дигарон зиндагӣ намояд.

Таърих башорат аз он медиҳад, ки ҳанӯз дар аҳди қадим ҳуҷҷат ва ё санадҳои гуногуни ҳуқуқӣ қабул шуда буданд, ки муносибатҳои гуногуни ҷомеаро танзим менамуданд. Масалан, соли 539 пеш аз милод Куруши Кабир санадеро мавриди истифода қарор дод, ки ҳуқуқу манфиатҳои аҳолии дар минтақаи давлатӣ Ҳахоманишиён зиндагикунандаро кафолат дода, онҳоро мавриди ҳимоя қарор медод, моҳияти имрӯзаи меъёрҳои конститутсиониро ифода намекарданд.

Аммо бо пешрафти ҷомеа, дар марҳилаҳои баъдинаи таърих, бо баробарӣ ҷудо шудани сарватмандон, ҳокимон, коҳинон сарлашкарон, имкони маҳдуд намудани озодӣ, даҳолат намудан ба ҳаётӣ инсон, халалдор намудани баробарии ибтидоӣ ва муқаррарӣ ба миён меояд. Дар давлатҳои ғуломдории юнониву румӣ ғуломон ба ҳайси на инсон, балки чиз шинохта мешуданд. Дар асрҳои миёна ҳуқуқҳои инсон, ки дар ибтидо арзи вуҷуд доштанд, ба ҳайси имтиёзҳои табақаҳои болоӣ амалӣ мешуданд, озодии беинтиҳои ҳокимон таъмин гашта, озодӣ ва ҳуқуқҳои фитрии мазлумон поймол карда мешуд. Дар марҳилаи минбаъда бо баробари фароҳам омадани шароити мусоид санадҳои асосии байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқи башар аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналхалқи оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Протоколҳои иловагӣ ба онҳо як қатор ҳуқуқҳоро кафолат дод.

Таъиноти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар хизмат кардан ба сифати вазифаест, ки ба иҷрои он бояд халқҳо ва давлатҳо дар кӯшишҳои худ оид ба таъмин намудани эътироф ва риояи умумию пурсамари ҳуқуқу озодиҳои дар он зикршударо саъй намоянд. Эъломия бо 48 овоз қабул гардид, касе зидди қабули он овоз надод. Эъломия бо доштани моҳияти танҳо тавсиявӣ дар инкишофи минбаъдаи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон нақши ҳалкунанда бозида, таҳкурсии мустаҳкаме гардид, ки дар заминаи он низомҳои ҳам универсалӣ ва минтақавию байналмилалии ҳимоя ва амалисозии ҳуқуқҳои инсон бунёд карда шудаанд.

## ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН АРЗИШИ ОЛӢ ДОРАНД

**Ёқубҷон ФАЙЗУЛЛОЗОДА**
**донишҷӯи соли 4**



Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 10 декабри соли 1948 қабул гардид. Баъди қабули эъломия ҳаракати байналмиллалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон пурзӯр карда шуд. Пас аз гузашти ду соли қабули эъломия муҳиммият ва арзишнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намуда, бо мақсади гиромидошти он санаи 4 декабри соли 1950 Ассамблеяи Генералии СММ қатъномаи №423-ро дар бораи эълон намудани 10 декабр ҳамчун рӯзи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон қабул намуд.

Аз ҳамон сол инҷониб, ҳамасола дар кишварҳои дунё 10 декабр ҳамчун рӯзи ҷаҳонии ҳуқуқи инсон бо як эҳтирому шаҳомати хос ҷашн гирифта мешавад.

Баъди соҳибистиқлол гардидан Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро, ки дар он ҳуқуқҳои инсон мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, пеш гирифта, кишвари мо ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ хатмӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсонро эътироф карда, муҳимтарин паҳлӯҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллии худ, аз ҷумла Конститутсияи ҶТ пешбинӣ намуд. Боби 2 Конститутсия ба ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ки дар радифи пешравиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсӣ дар такомули пешрафти ҳуқуқи инсон заминаи муҳимми ҳуқуқӣ гузошт.

**Эраҷ ПИРОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Бояд қайд кард, ки ҷомеаи башарӣ аз асри XX сар карда, ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон диққати бештар зоҳир менамояд. Мушкилоти ҳуқуқи инсон ва дарёфти тарзу усул ва роҳҳои таъмини он ва дар умум кафолати онҳо аз замони қадим диққати донишмандони Шарқу Ғарбро ба худ ҷалб сохта буд. Нахуст онро Куруши Кабир дар шакли эъломия эҳдои ҷаҳониён сохта, сипас тавассути донишмандони замон ба чаҳор минтақаи олам паҳн карда шуд. Тавре ки Пешвои миллат иброз доштаанд: «Гарчанде илми



ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварҳоро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморад, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар ҳошияи таърихи башар бетараф набудааст. Дар ин бобат, ёдовар шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дуюним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд, кофист».

Дар дунё муносибат ба ҳуқуқҳои инсон якранг нест ва ин зуҳурот пеш аз ҳама ба он сабаб арзи вуҷуд кардааст, ки ба ҷуз аз арзишҳои умумии ахлоқӣ дар ҳар ҷомеа арзишҳои алоҳидаи танҳо ба вай хоси дар раванди инкишофи пешинааш ташаккулёфта мавҷуданд. Ба ҳамин тариқ, дар паси ҳар қадоме аз фарқиятҳо дар муқаррароти арзишӣ меистанд ва дарку фаҳмиши моҳият ва сабабҳои онҳо барои ҳар касе, ки ғамхорӣ ба Ватан – Тоҷикистонро қарзи худ меҳисобад басо муҳим аст. Дар баъзе ҳолатҳо ҳам фаромӯш кардан лозим нест, ки ҳуқуқҳои инсон аз ӯҳдадориҳо дар назди ҷомеа ва давлат ҳаргиз ҷудо нестанд ва барои мо дар байни ин ӯҳдадориҳо аз ҳама асосиаш вайрон накардани ҳуқуқҳои дигарон аст.

**Меҳроҷиддин ШАРОПОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Аз сарчашмаҳои нодири таърихӣ бармеояд, ки миллати тоҷик дар ҳазорсолаҳои пеш аз мелод ҳуқуқи инсонро чун бузургтарин дастоварди инсонӣ мавриди эҳтиром қарор медодааст. Масалан, нахустин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, ба мисли Авесто ва Эъломияи Куруши Кабир дар худ ҳуқуқҳои бунёдии инсонро ҷой додаанд. Аз ҷумла, дар онҳо ҳуқуқ ба зиндагӣ, ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба озодӣ, манъи шиканҷа, манъи ғуломӣ ва дигар ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд дарҷ ёфтаанд, ки онҳо имрӯз низ моҳияти худро аз даст надодаанд.

Ҳар фарди соҳибватанро зарур аст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ бахри пос нигоҳ доштани ҳуқуқи инсон ва эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқи инсон тамоми талоши худро сафарбар намояд.



**Масъуд СОДИҚОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар паҳншудатарин санадест, ки тибқи маълумот бо беш аз 500 забону лаҳҷа



тарҷума шудааст. Он аз пешгуфтор ва 30 модда иборат мебошад. Мақсад аз қабули чунин як эъломияи сатҳи ҷаҳонӣ ин буд, ки то дар ҳама гуна мавриди ҳуқуқҳои инсон риоя карда шавад. Эъломияи мазкур бо чунин орзуву ормонияти миллатҳои ҷаҳон қабул гардидааст:

а) бо дарназардошти ин ки эътирофи қадру қимат ба ҳамаи аҳли башар хос буда, ҳуқуқи баробар ва дахлнопазири онҳо асоси озодӣ, адолат ва сулҳи умум аст;

б) бо дарназардошти он ки таҳқиру беэътиноӣ ба ҳуқуқи башар боиси сурат гирифтани аъмоли ваҳшиёнае гардидааст, ки виҷдони башариятро сахт озурда мегардонад ва эҷоди чунин дунёе, ки дар он одамон дар сухан ва ақида озод ва аз тарсу эҳтиёҷ фориғ бошанд, ҳамчун волотарин орзӯи одамон эълон гардидааст;

в) бо дарназардошти ин, ки ҳуқуқи башар бояд бо қонун ҳимоят карда шавад, то башарият ҳамчун охирин илоҷ ба қиёми зидди зулму истибдод маҷбур нагардад.

**Шаҳриёбону ҒАНИЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Конститутсияи ҶТ ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз ба масъалаи ҳуқуқи инсон аҳамияти махсус зоҳир намуда, аксарияти моддаҳои худро бевосита ба эътироф ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшидааст. Аз ҷумла, дар моддаи 5-и он пешбинӣ мегардад, ки инсон, ҳуқуқ

**КОДЕКСИ ОБИ ҶТ 2 АПРЕЛИ СОЛИ 2020, №1688 ҚАБУЛ ГАРДИД.**

# АРЗИШИ БАШАРИЯТ

ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ дошта, давлат вазифадор гардидааст то ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд. Чунин муносибат нисбат ба ҳуқуқи инсон дар сатҳи конститутсионӣ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки Тоҷикистон бунёди ҷомеаи адолатпарварро ҳадафи аслии худ қарор дода, дар он ҳуқуқ ва озодии инсонро дар мадди аввал қарор додааст.

### Меҳрона САИДВАЛИЕВА
**донишҷӯи соли 1**



Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бархурди манфиатҳои бузургтарин таъсире, ки ба башарият расида истодааст дар ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ мушоҳида мегардад. Зеро, омилҳои гуногун боис ба он гаштаанд то баъзе аз ҷомеаҳои ғарбӣ арзишҳои аз фарҳанги инсонӣ фарсахҳо дурро чун ҳуқуқи инсон муаррифӣ намуда, ба он ҷанбаи қонунӣ дода истодаанд. Чунин амал моро бори дигар водор менамояд то сари мафҳуми ҳуқуқи инсон ва озодии инсон андеша намоем. Агар ҳуқуқи инсон дар худ тамоми амалҳои инсонро фаро гирад ва озодии инсон имконияти амалӣ сохтани онҳоро боз ҳам бештар намояд, пас муқаррароти қонунгузорӣ, арзишҳои миллӣ ва оинҳои давлатдорӣ то куҷо риоя мешаванд, ин масъалаест, ки моро дучори андеша намудан кардааст.

Албатта, мо ба ҳуқуқи инсон аз нигоҳи муқарроти қонунгузорӣ ва манфиатҳои миллӣ нигоҳ менамоем, мухолифи амалхое ҳастем, ки ҳастии инсон ва моҳияти ҳуқуқи инсонро зери суол қарор медиҳанд. Вале, чунин муносибат бояд натанҳо аз ҷониби нафарони алоҳида, балки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ анҷом дода шавад ва нагузоранд то ба ҳуқуқи инсон амалхое шомил гарданд, ки ба генофонди ҷомеаи инсонӣ ва ҳастии инсоният дар рӯи замин таъсиргузор бошанд.

### Шодмон НУРУЛЛОЗОДА
**донишҷӯи соли 1**

Пайдоиши ҳуқуқро бе омили инсонӣ наметавон тасаввур кард. Миллати тоҷик дар таърихи ҷомеаи инсонӣ бо таърихи фарҳанг, забон, расму оинҳои қадим ва бузургии хеш шинохта шуда аз он ифтихор менамояд, ки сазовор бо чунин таърихи бой ва ғанӣ, ки ба умқи ҳазорсолаҳо мерасад сазовор гаштааст. Миллати тоҷик дар инкишофи ҳазорсолаҳои худ ба инсон ва ҳуқуқҳои ӯ арзиши хосса қоил буд.

Агар ба таърих назар афканем, мебинем ки дар ҳар давру замоне миллати тоҷик инсонро арзиши олӣ мепиндошт ва ҳуқуқҳои ӯро ҳимоя менамуд. Бахусус, дар мазҳабҳову китобҳое,



ки миллати тоҷик худ аз сар гузаронидааст, ҳуқуқҳои инсонро арзиши волотарин эътироф кардааст. Бахусус, дар дини Зардушт, ки яке аз қадимтарин динҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, ҳуқуқҳои инсон дар робита бо ҳуқуқи башар дарҷ гардидааст. Бо мурочиат ба матни аслии китоби Зардуштиён бахусус, Авасто, Готхо, Яштхо, Ясно, Ардавирифнома, Минуи Хирад, Бундаҳишт ва ғайра ки асолати он мавриди қабули муҳаққиқон қарор гирифтааст, метавон яккатор ҳуқуқҳоро ҷудо намуд, ки дини Зардушт бештар ба ин ҳуқуқҳо аҳамияти хосса зоҳир менамуд. Ба ҷумлаи чунин ҳуқуқҳо шомиланд, озодии андеша, озодии интихоби дин, озодии сухан, озодии занон, озодии интихоби ҷои зист, зиндагонӣ, озодии ҳаракат, дахолат накардан ба сарҳади дигарон, гироми доштани ҳуқуқи ҷонварон, гиромидошти наботот ва аҳамияти ҷамъиятӣ.

### Бобоҷон НУРАЛИЗОДА
**донишҷӯи соли 1**

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ пайваста ба ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи махсус сафарбар менамояд ва дар ин самт санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаро қабул намуда, ҷиҳати риояи ҳуқуқи инсон ниҳодҳои махсусгардонидашударо таъсис додааст. Аз ҷост, ки Тоҷикистонро дар ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар самти ҳуқуқи инсон мешиносанду эътирофаш мекунанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санади дорои қувваи олии ҳуқуқидошта дар кишвар шинохта мешавад, ки зиёда аз 40 моддаи худро бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона намудааст, ки онҳо баъдан барои қабул намудани санадҳои дигар дар самти ҳуқуқи инсон замина гузоштанд. Бо дарназардошти ин, мақомоти ҳимоякунандаи ҳуқуқи инсонро зарур аст то тамоми ҳастии худро баҳри дар амал татбиқ намудани ҳуқуқи инсон сафарбар намоянд, ки он дар маҷмӯъ боиси риоя гардидани ҳуқуқи инсон дар кишвар мегардад.

Инчунин, шаҳрвандони кишварро зарур аст то барои баланд гардидани до-



нишҳои ҳуқуқии худ пайваста талош намоянд. Зеро баланд гардидани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ боис ба он мегардад то шаҳрванд ҳуқуқ ва озодиҳои худро дар сатҳи зарурӣ мавриди ҳимоя қарор диҳад.

### Мавлуда МУҲАМЕДШОЕВА
**донишҷӯи соли 1**



Ҳуқуқҳои инсон ба ҳар як одам, аз он сабабе ки ӯ ИНСОН аст, хос мебошанд. Онҳо ба мисли вақт, ба ҳамаи мо баробар, новобаста аз он ки мо доро ё нодор, пир ё ҷавон, сафедпӯст ё сиёҳпӯст ҳастем ва эътиқод ба кадом дин дорем, мансуби кадом наҷод ҳастем, таалуқ доранд. Масалан, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта шудааст: “Тамоми одамон озод ба дунё меоянд ва аз лиҳози манзалату ҳуқуқ ба ҳам баробаранд”. Инчунин дар ин санад ҳамон ҳуқуқҳое дарҷ шудаанд, ки ҳаётан муҳим мебошанд, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, моликият, таъминоти иҷтимоӣ, таҳсил, истироҳат, манзил ва ғайра. Ҳуқуқҳои инсон арзиши олитарин ба шумор мераванд ва бояд ҳимоя ва ҳифз карда шаванд. Дар моддаи 5 Конститутсия ҶТ оварда шудааст: “Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд”. Ҳуқуқи инсон хусусияти объективӣ дорад, яъне дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳо сабт карда мешаванд, умуман шаклҳои расмии ифода дорад.

**Рӯзи ҳуқуқи инсон бо пешниҳоди Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ҳамасола 10 декабр аз соли 1950 инҷониб таҷлил карда мешавад.**

### Мунавваршо НУРАЛИЗОДА
**донишҷӯи соли 2**



Ҳуқуқи инсон яке аз арзишҳои муҳимтарини тамаддуни ҷаҳонист. Драматурги Юнони қадим навиштааст: «Дар олам бисёр чизҳои бузург ҳастанд, вале бузургтар аз инсон чизе нест». Ҳуқуқи инсон арзиши бузургтарини маънавӣ мебошад. Он чун арзиши умумиинсонӣ аз ҷониби тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст. Зеро, амалӣ насохтан ва ё вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон ба инкишофи рӯҳӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии чи давлат ва ҷомеа умуман ва чи ҳар як одами дар ҷаҳон зиндагикунанда таъсири ниҳоят манфӣ мерасонад.

Хушбахтона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалисозӣ ва иҷрои бемайлони ҳуқуқи инсон риоя ва иҷро шуда, дар Конститутсия ба таври аниқ дарҷ шудааст.

### Лутфулло КАБУТОВ
**донишҷӯи соли 1**



Эъломияи умумии ҳуқуқи башар нахустин ҳуҷҷати ҳуқуқии умумист, ки дар сатҳи ҳукумати кишварҳои ҷаҳон таълиф, баррасӣ ва тасдиқ шудаасту акнун куллии миллатҳои ҷаҳон аз рӯи он кору зиндагӣ мекунанд. Он санади байналмилалист, ки баробарҳуқуқӣ ва озодии тамоми инсонҳоро аз лаҳзаи таваллуд эътироф мекунад. Таъсири Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар ба таърихи зиёда аз ҳафтод соли охири инсоният онгуна бузург аст, ки бисёре аз чеҳраҳои маъруфи дунё онро як қадами инқилобӣ номидаанд. Эъломия бо доштани моҳияти танҳо тавсиявӣ дар инкишофи минбаъдаи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон нақши ҳалкунанда бозида, таҳкурсии мустаҳкаме гардид, ки дар заминаи он низомҳои ҳам универсалӣ ва ҳам минтақавию байналмилалии ҳимоя ва амалисозии ҳуқуқҳои инсон бунёд карда шуданд.

Дар сатҳи Конститутсия тамоми ҳуқуқу озодиҳои асосӣ танзими ҳамаҷониба пайдо карданд. Давлат ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, озодии сухан, ҳуқуқи муттаҳид шудан дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ба моликият ва мерос, таҳсил, меҳнат, манзил, ҳуқуқ ба истироҳат ва ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайраро кафолат медиҳад.

**КОДЕКСИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ 2 АПРЕЛИ СОЛИ 2020, №1689 ҚАБУЛ ГАРДИД.**

# КОРРУПСИЯ – ЗУҲУРОТИ ХАВФНОКИ ҶОМЕА

**Суруш ШАРИФЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Бо назардошти аҳамиятнокии ин ҳуҷҷати зиддикоррупсионӣ аз соли 2003 инҷониб, бо ташаббуси Маҷмааи Генералии Созмони Милали Муттаҳид, 9 декабр ҳамчун Рӯзи мубориза бо коррупсия дар тамоми ҷаҳон эълон гардидааст. Ин санаи таърихӣ бори аввал дар шаҳри Меридаи Мексика ҷашн гирифта шудааст. Яке аз ҳадафҳои қабули Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия аз он иборат аст, ки коррупсия дар тамоми мамлакатҳои олам ба як тарз фаҳмида шавад ва дар байни онҳо оид ба амалҳои коррупсионӣ нофаҳмиҳо мавҷуд набошанд.

Коррупсия ин хурдашавии пояи ҳокимият аст, ҳамон тавре ки занг оҳанро фарсуда менамояд, коррупсия низ дастгоҳи давлатро хароб намуда, устувории ахлоқи ҷомеа ва бовариро ба он коста мегардонад ва ҳамчун зуҳуроти иҷти-



моӣ соҳаҳои асосии ҳаётан муҳими шаҳрвандонро фаро гирифта, ба шуурнокии ахлоқӣ, ҳуқуқии онҳо ва тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири манфии худро мерасонад.

Дар ин замина, пешгирии коррупсия тавассути андешидани чорабиниҳои илмию назариявӣ, усулҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ва таблиғотӣ, яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти муборизабаранда махсуб меёбад. Зеро пешгирии коррупсия ҳамчун воситаи самаранок эътироф гардида, хароҷоти камтарро нисбат ба тафтишоти коррупсия талаб мекунад.

Ин тадбир ҷиҳати бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, инчунин баҳри ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ ва ташаккул додани тоқатнопазирӣ ба зуҳуроти коррупсия басо муҳим мебошад. Зеро он сатҳи дониши зиддикоррупсионии аҳолиро баланд бардошта, аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва ёридиҳанда дорад.

Коррупсия ифодакунандаи мафҳумҳои шикастан, хароб намудан, фурӯхта шудан, зулм кардан, фурӯхташавии мансаби давлатӣ ва ғайра мебошад. Вожаи коррупсия аслан маънии ришвахӯрӣ, фасод, вайрон, виҷдонфурӯш, порахӯриро дорад.

Арбоби намоёни сиёсӣ, файласуф, Никколо Макиавелли ва монанди Томас Гоббс коррупсияро ба беморие шабоҳат додаанд, ки «дар ибтидо фаҳмиданаш душвору табобаташ осон ва дертар аллакай фаҳмиданаш осону табобаташ қариб имконнопазир аст”. Аз андешаи ин муттафакирон бармеояд, ки агар имрӯз мо коррупсияро саривақт пешгирӣ накунем, он дар оянда ба бадбахтии оммавӣ оварда мерасонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 20 апрели соли 2011 дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуда буданд, ки «дар кори мубориза бо коррупсия ғайр аз мақомоти давлатӣ ҳар як фарди ҷомеа низ бояд саҳмгузор бошад». Албатта чунин воситаҳои дастаҷамъонаи таъсирасонӣ ба пешгирӣ ва бартараф кардани коррупсия мусоидат карда метавонад.

Бовар дорам, ки ба ин васила ҳамбастагӣ ва ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалӣ сохтани иҷрои талаботи қонунгузории ҷорӣ ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри пешрафт, рушд ва инкишофи Ватани маҳбубамон нақши бориз мегузорад.

**Азизҷон АБДУЛЛОЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**



Коррупсия яке аз масъала ои мушкили замони муосир ба исоб рафта, садди ро и рушд ва инкишофи давлат о гардидааст. Бинобар ин ҷомеаи ҷаҳонро зарур омад, ки алайҳи ин зу уроти номатлуб чора ои мушаххаси қонунӣ андешанд. Шароит, замина ои иқтисодӣ ва ривоҷи коррупсия дар ин ё он давлат гуногун аст, аммо омил ои асосии ба вуҷуд омадани ин падидаи номатлуб инҳо махсуб меёбанд: даҳолати аз ҳад зиёд ва баъзан беасос ба фаъолияти иқтисодӣ; сиёсати ғайрисамаранокии андозситонӣ ва гумрукӣ; паст будани сатҳи аёти хизматчиёни давлатӣ нисбат ба кормандони бахши хусусӣ ва арзиши ҳадди ақали рӯзгузаронӣ; мавҷудияти имконияти нобаробар миёни субъектони фаъолияти иқтисодӣ; сатҳи камбизоатӣ; маҳдуд кардани рақобати бозорӣ ва мавҷудияти монополия дар иқтисод; набудани шаффофият дар фаъолияти молиявии давлат ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки мубориза бар зидди коррупсия ва коҳиш додани сатҳи он аз бисёр омилҳо аз ҷумла дастаҷамъӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, савияи баланди донишу шуурнокӣ ва фаъолияти ҳар як фарди ҷомеа вобаста аст. Барои мубориза бар зидди коррупсия пеш аз ҳама таҳияи стратегияи зиддикоррупсионӣ доштан зарур аст, ки аз зинаҳои зерин иборат мебошад. Зинаи аввал - таҳия ва баҳогузории сатҳи коррупсия дар кишвар аст, яъне бояд муайян кард, ки кадом шакли коррупсия бештар паҳн гаштааст, сабаб ои асосии он чист ва кадом мақомоти идоракунии давлатӣ бештар гирифтори он гаштааст. Зинаи дуюм - таҳияи стратегияи зиддикоррупсионӣ буда, дар он аз ҷумла роҳҳои асосии пешгирии коррупсия нишон дода шудааст. Зинаи сеюм - татбиқ намудани стратегия дар амал аст.

**Султонмурод ИБОДОВ**
**донишҷӯи соли 3**

Зери мафҳуми “коррупсия” харидани шахсони мансабдор, фурӯхташавандагии амалдорон, истифодаи имкониятҳои хидматӣ ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешавад. Раванди ташаккули мафҳуми ҳозираи коррупсия дар таърихи ҷаҳонӣ якчанд ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад. Нишонаҳои аввалинро дар бораи коррупсияи амалдорон дар бойгониҳои Бобулистони қадим дар нимаи дуюми асри XX1V ва баъдан дар қонунҳои машҳур ба монанди Хамураппӣ дидан мумкин буд.

Коррупсия сӯистифода аз ҳокимияти давлатӣ ба-



рои гирифтани фоида ба мақсадҳои шахсӣ аст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо коррупсия” аз 7 августи соли 2020 чунин таърифи коррупсия оварда шудааст: Коррупсия – ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробаркардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининамуда, инчунин ба шахсон ваъда додан, таклиф ва пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва ё қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиатҳои шахсони вокеӣ ва ҳуқуқӣ истифода мебаранд. Кирдорҳо танҳо дар сурати мавҷудияти аломатҳои дар боло зикршуда коррупсия эътироф мегарданд. Масалан нозири андоз дар рафти тафтиш пинҳон кардани андозро ошкор намуда, ришва мегирад ва аз ин вайронкорӣ чашм мепӯшад. Ҳамин тавр коррупсия сӯистифода аз салоҳиятҳои мансабӣ буда, ҳадаф аз он гирифтани фоидаи шахсӣ ба манфиати худ мебошад.

**Сарвар ҚАҲҲОРОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Мақсади ҳар як давлат ва роҳбару ҳукумати он ташкилу таъмини ҳаёти хушу



хуррам ба аҳолӣ ва сарбаландии миллат дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Вале барои ба ин ҳадафҳои воло расидан ғайриихтиёр монеаҳои зиёде пеш меоянд, ки барои рафъи онҳо кӯшишҳои дастаҷамъонаи зиёде лозиманд. Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гардидааст. Коррупсия зуҳуроти иҷтимоиест, ки дар тафаккури ҷамъиятӣ низ фаҳмиш ва тафсири яхкела надорад. Ҳамин аст, ки имрӯз муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, онро бо ришва, сӯистифода аз мансаб, судхурӣ, хушомад задан ва ғайра таъбир мекунанд. Мутафаккири бузурги Фаронса Ш.Л.Монтеске гуфта буд, ки “дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастгоҳи давлатӣ фалаҷ ва ба як чизи бекора мубаддал мешавад”.

Фаъолияти худи давлат, ҳукумат, мақомотҳо баҳри паст намудани шиддати коррупсия дар ҷомеа кифоя набуда, танҳо дар сурати муборизаи дастаҷамъона, мо метавонем, ки ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт ноил гардем.

**Аҳмадшоҳ АКОБИРЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Коррупсия хатари ҷиддӣ ба амнияти кишвар аст. Он ба ҷомеа зарари калон мера-



сонад, ба пояҳои ҳокимияти давлатӣ дастдарозӣ мекунад, самаранокии фаъолиятро коҳиш медиҳад, мақомоти давлатӣ ва мунисипалӣ ва салоҳияти онҳоро коҳиш медиҳад, рушди иқтисодии кишварро дар маҷмӯъ мушкил мекунад. Бо вайрон кардани институтҳо ва арзишҳои демократӣ, мафҳумҳои адолат ва вазифаи ҷамъиятӣ, коррупсия ба рушди устувори давлат ва волоияти қонун зарар мерасонад. Коррупсия шуури ҳуқуқии шаҳрвандонро таҳриф карда, дар онҳо тасаввурот оид ба имконияти қонеъ кардани манфиатҳои шахсӣ ва дастаҷамъӣ бо ришвахории мансабдоронро ба вуҷуд меорад. Коррупсия, ки яке аз падидаҳои хатарнок барои шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат мебошад, решаҳои амиқи таърихӣ ва равонӣ дорад. Мутаассифона, дар зеҳни бисёр одамон ин як падидаи маъмулӣ шудааст, ки бо он мубориза бурдан бефоида аст ва самаранокии ҳама гуна чораҳои зидди коррупсияро шаҳрвандон аксар вақт ниҳоят паст арзёбӣ мекунанд.

# ВПЕЧАТЛЕНИЕ ИЗ КНИГИ ЛИДЕРА НАЦИИ «О ВРЕМЕНИ И О СЕБЕ»



Часур АБДУСАТТОРОВ
студент 1-го курса

Содержание книги состоит из две части, часть первая - О времени, и часть вторая - ... И о себе. Книга привлекает большим внимание читателей. Прочтение этой книги становится увлекательным знакомством с тем, что иные государственные деятели предпочитают держаться за «семью замками».

Это увлекательное повествование Главы государства, который стремится, чтобы его поняли до конца и оценили по достоинству. Это живой рассказ увлеченного и не равнодушного человека, которому дорого и для которого важно все что происходит в его стране. В книге собраны все наилучшие воспоминания нашего уважаемого Президента.

Президент в послании излагает что не любит равнодушных людей, и никогда не скрывал этого. Правда, что если в человеке нет горения, если он нечем не желает и довольствуется малым, не проявляет инициативы, то на такого человека положиться нельзя. Более того, он может подвести в любой момент. Образно и очень глубосмысленно об этом говорит Б. Ясенский: не бойтесь друзей - они могут только передать, не бойтесь врагов - они могут вас только убить, бойтесь равнодушных, это по их попустительству творится в мире все мерзости и преступления. По этому мотиву, предупреждает что - осуществляя кадровую политику я всегда подыскиваю увлеченных руководителей, любящих дело и заинтересованых в положительных сдвигах. Если все это есть, то компетенции и опыт придут, они, как тот урожай, который дарят старание и время.

Таджикистан через тысячи с лишним лет вновь обрёл свою независимость. Это великое благо, но и громадная ответственность перед нами, особенно молодёжи страны. Те ситуации, которые мы пережили за два десятилетия нашего суверенитета, выстраданного народом и потому столь значимого для него, не имеют аналогов в истории.

Искренность и открытость одна из главных черт характера Эмомали Рахмона и он не изменил им в своих записках. Он человек дела и сын своего народа, и хорошо осознаёт свою ответственность перед людьми, временем и историей.

Содержание книги открывает перед нами умного и рассудительного человека, его эрудиция, знание истории, классических произведений просто изумляют. Память Эмомали Рахмона походит на сокровищницу в котором собраны все лучшее, что создано человечеством за весь период его бытия, и он шедро делится с читателями богатством своей души.

По этому мотиву нам всем, необходимо следовать и быть единодушны со взглядом Великого Лидера Нации. И на пути развития нашей прекрасной страны служить и быть патриотом Родины.

# ОДОБИ САЛОМ

Яке аз фазилатҳои неки инсонӣ, ки ҳамеша моро ба комёбӣ мерасонад ва хушфеълу ботамкин будана монро дар ҷомеа инъикос мекунад ин салом ва додани тарзи дурусти он мебошад. Худи калимаи «салом» аз забони арабӣ буда, маънояш осоиш, сулху амонӣ, осудаҳолист ва шакли тоҷикии он мафҳуми «дуруд» аст. Агар дар кӯча касе ба мо салом диҳад табъамон хира бошад аз шунидани салом хушҳол мегардад ва ба сӯи комёбиҳои хеш қадамҳои устуворона мегузорем. Баъзе нафарон фикр мекунанд, ки салом додан ё дуруд гуфтан ба ҳамаи мардум як хел аст ва ҳамин хел мемонад, лекин дар асл онҳо иштибоҳ мекунанд. Зеро салом ба худ якчанд услуби баён дорад ва риояи онҳо дар тамоми манотиқи кишварамон аз бомаърифатии мардуми тоҷик далолат медиҳад.

**ЯКУМ.** Дар вақти салом додан нишаста бошем, аз ҷой бархоста дасти рост ба пеши синаи худ мегузорем ва қомати худро рост намуда, бо табассум ва забони ширин салом медиҳем;

**ДУВУМ.** Агар бузургсолон ба мо даст дароз накунанд, ҳеҷ вақт кӯшиш насозем, ки пеш аз онҳо даст дароз намуда, онҳоро маҷбур намоем, ки ба мо бо даст салом кунанд;

**СЕЮМ.** Дар маъракаҳо танҳо даст пеши бар намуда, бо чеҳраи кушода бо ишора (хаму рост кардани сар) салом гуфтан аз рӯи одоб аст;

**ЧОРУМ.** Агар дар маъракa, дар маҷлис ва ё ба меҳмонхона ворид мегардед ва мебинед, ки ҳозирин нишастаанд, даст пеши бар карда, бо дилатон саломро гузаронед ва бо чеҳраи гарм дар ҷое, ки даъват барои нишаст мешавед, нишинед;

**ПАНҶУМ.** Нишаста салом додан, даст дар ҷайб салом гуфтан, бо садои баланд салом додан, шӯхӣ карда салом гуфтан аз рӯи одоб нест;

**ШАШУМ.** Ҳангоми аёдати бемор аввал беморбин салом мегӯяд, даст пеши бар карда, бо чеҳраи кушода овоз мебарорад ва кӯшиш бояд намояд, ки бемор табассути ин салом роҳат бубинад.

**Дар шароити кунунӣ, ки ҷомеаи ҷаҳонро саросарабои аср фаро гирифтааст, беҳтар мебуд, ки бо якдигар бо даст салом накарда, балки бо ишора ва даст пеши бар карда салом гӯем. То ки хавфу хатари паҳншавии ин бемориро пешгирӣ намоем.**

Ин услубҳое, ки дар боло гуфта гузаштем бархе аз нафарон беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд ва дар кӯчаву хиёбонҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба якдигар бо овози баланд салом ва муоширaт намуда, ба истироҳат ва фароғати мардум халал эҷод мекунанд. Хуб мешуд, ки он нафарон тарзи дурусти одоби саломро риоя намуда, ба хурдсолон ва наврасон низ дарси ибрат меомӯханд.



Шаҳзод БОБОЕВ
донишҷӯи соли 4

# ПРАВА ЧЕЛОВЕКА ЯВЛЯЮТСЯ НЕОТЪЕМЛЕМЫМ ДОСТОЯНИЕМ



Саидмубин САЛОХИДДИНОВ
студент 2-го курса

Права человека являются неотъемлемым достоянием всех людей, без какого бы то ни было различия на основании расы, цвета кожи, пола, языка, религии, национального или социального происхождения, или любого иного аспекта. Права человека включают право на жизнь и свободу, свободу от рабства и пыток, свободу убеждений и их свободное выражение, право на труд и образование и многие другие. Этими правами должны обладать все люди, без какой-либо дискриминации.

**Права человека подобны броне: они защищают вас; они подобны правилам, поскольку говорят вам, как можно себя вести; и они подобны судьям, потому что вы можете к ним взывать.**

Они абстрактны - как эмоции, и как эмоции они принадлежат каждому и существуют, что бы вокруг ни происходило. Они подобны природе, потому что их можно попирать; и подобны духу, потому что их невозможно разрушить. Подобно времени, они одинаково относятся ко всем нам: богатым и бедным, старым и молодым, белым и черным, высоким и низкорослым. Они предлагают нам уважение, и требуют от нас относиться с уважением к другим. Мы можем иногда расходиться в определении доброты, истины и справедливости, но, встретившись с ними в жизни, мы их обязательно узнаем.

**ПРАВО – ЭТО ТРЕБОВАНИЕ, О КОТОРОМ МЫ СПРАВЕДЛИВО ЗАЯВЛЯЕМ. Я** имею право на товары в моей товарной корзинке, если я за них заплатил. Граждане имеют право избирать Президента, если это гарантировано Конституцией их страны, а ребенок имеет право посетить зоопарк, если его родители это ему пообещали. На все это люди вправе рассчитывать при условии, что другой стороной были даны соответствующие обещания или гарантии. Но права человека представляют собой требования иного свойства: они не зависят от обещаний или гарантий другой стороны. Право человека на жизнь не зависит от обещания другого человека не убивать его. Жизнь его может от этого зависеть, но не право на жизнь. Его право на жизнь зависит только от одного: того, что он человек.

Признание прав человека означает признание того, что каждому человеку дано право требовать соблюдения следующих положений: я обладаю этими правами, что бы вы ни говорили и ни делали, потому что я, точно так же, как и вы, человек. Права человека присущи каждому человеку.

**ПОЧЕМУ БЫ НЕ ПОТРЕБОВАТЬ, ЧТОБЫ ЛЮДИ САМИ ЗАСЛУЖИЛИ СВОИ ПРАВА? В** конечном итоге, требование соблюдения прав человека носит нравственный характер и основывается на моральных ценностях. Мое право на жизнь, в конечном счете, означает, что никому не позволено лишить меня жизни: это просто недопустимо. Это утверждение вряд ли нуждается в обосновании, и, наверное, любой читатель согласится с таким подходом. Ведь по отношению к себе все мы признаем, что в нашей жизни и бытии есть такие аспекты, которые неприкосновенны и в которые никто не должен вторгаться, ибо речь идет о жизненно важных сторонах нашего бытия, определяющих, кто мы такие и что мы такое. Они имеют существенное значение для нашей человеческой природы и нашего человеческого достоинства. Без прав человека мы не можем реализовать полностью наш человеческий потенциал. Права человека всего лишь переносят это понимание с индивидуального уровня на всех остальных людей планеты. Если я могу выдвигать подобные требования, значит, это может сделать и любой другой.

# 2020: СОЛИ НАБАРДҲО ВА КОМЁБИҲОИ БЕНАЗИР

**Ҳар гоҳе ба дастовардҳои хурду бузурги соли кӯҳан назар меафканем, беихтиёр мебинем, ки дар пешорӯйи ин дастовардҳо партави сулҳу осоиш дурахшон ва парчами ваҳдату ягонагӣ парафшон аст.**

Соли 2020 аз ҳар ҷиҳат барои мардуми барӯманди тоҷик, соли фаромӯшнашаванда буд. Зеро бисёр воқеаҳои рӯҳбахшу хурсандиовар бароямон мадору боварӣ мебахшанд. Хусусан ҷашни бошукӯҳи 5500-солагии Саразми Бостонӣ, 700-солагии бузургдошти Камоли Хуҷандӣ аз анҷоми неки соли равон шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, маъракаи интихоботи вакилони халқ, ки 1 марти соли равон ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 11 октябри соли ҷорӣ баргузор гардиданд, барои мардуми шарафманди тоҷик, яке аз рӯйдодҳои муҳим ва дастоварди сол буданд. Зеро миллати тоҷик бо дарки баланди маърифати ҳуқуқӣ, ҳисси ватандӯстиву хештаншиносӣ дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ ширкат варзида, ба тарафдории номзади арзанда овоз доданд ва зимоми давлатдориро ба муҳлати 7 соли дигар ба дасти абармарди тоҷик, наҷотбахши миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузоштанд. Пешвои муаззами миллат, тоҷикони оламро ифтихори милливу тоҷик будан бахшид ва худ фахри соҳибдавлатии мову рамзи соҳибдории хосу оми кишвар гардид.

Дар баробари тамоми пешрафту дастовардҳо дар соҳаи илм, фарҳанг, техника, мушкилоту камбудиҳое низ ҷой доштанд, ки тамоми ҷомеаи башарро ноором сохт. Махсусан паҳн гаштани бемории COVID-19, ки қариб тамоми давлатҳои ҷаҳонро фаро гирифту пояҳои мамлакатҳои оламро ба ларза даровард ва аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ такони ҷиддие бахшид, ҳеҷ гоҳ аз ёду хотироти мардуми олам фаромӯш намешавад. Хушбахтона, рӯз то рӯз паст гардидани авҷи беморӣ, аз пешомади нек, рӯзҳои гулгулшукӯфону орӣ аз ҳама гуна дарду ранҷу беморӣ дарак медиҳад.



Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди тамоми мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта, давлату ҳукумати Тоҷикистон баҳри пешрафти илму маърифат тадбирҳои судманд андешид. Махсусан бо фармони бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ду озмуни ҷумҳуриявӣ - «Тоҷикистон – ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардид.

**Ҷамъбасти озмунҳои зикргардида, махсусан озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», ба анҷоми соли 2020 як паёмади нек бахшид, зеро хурду бузург, пиру барно ин озмунро бо дили гарм, матонату ҷасорат ва хушбахтиву хурсандиҳо паси сар карданд. Умед аст, ки бо идома ёфтани чунин озмунҳо савияи донишу малака ва маҳорату истеъдоди тамоми қишри ҷомеа, то ба авҷи сурайё мерасад.**

Таърих барои мо варақҳои гардондашудаи китоби зиндагӣ нест. Балки сарчашмаи шуҷоату мардонагӣ, мактаби давлатдории миллӣ ва дар баробари ин ҷамъбасти сабақу таҷрибаи ниёгон аст.



Гулафзо ПИРОВА
донишҷӯи соли 4

**Таърих шӯълаест, ки аз дуриҳо роҳи ояндаро равшан месозад ва аз хатари нобудшавии миллат ҳушдор медиҳад.**

Мо, ҷавонон бояд аз таҷрибаи гузаштагонамон баҳра бардорем ва таҳкими давлати миллии хешро вазифаи муқаддастарин донем, истиқлолият ва амнияти сарзамини аҷдодиро эҳтиёт кунем, масъулияти хешро дар назди оянда пурра дарк карда, бо садоқати том ба халқу Ватан хизмат намоем.

**Орзумандам, ки соли нав барои кишвари мо, барои ҳар як хонадони тоҷикистонӣ соли бахосият, пур аз файзу баракат ва осудаҳолӣ гардад.**

## Тақвим-2021

**Январ**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 |

**Феврал**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |

**Март**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |
| 29 | 30 | 31 | | | | |

**Апрел**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | | |

**Май**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | | | | | | |

**Июн**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 |
| 28 | 29 | 30 | | | | |

**Июл**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | |

**Август**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | 31 | | | | | |

**Сентябр**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | | | |

**Октябр**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 |

**Ноябр**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |
| 29 | 30 | | | | | |

**Декабр**

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | | |